**АБДУСАТТОРИ РАҲМОН**

# Резу чош

(Шеърҳои ҳаҷвӣ)

ДУШАНБЕ 2011

## ҲАЛОЛАМ БОД УНВОН !

Давидам, аз паи унвон давидам,
Чу гурба аз паи мушон давидам.

Чу симоби ҳароратсанҷи вайрон
Гаҳе боло, гаҳе поён давидам.

Нашармида ман аз бегонаю хеш,

Агарчи гоҷаму нодон, давидам.

Гаҳе дандон ба дандон монда, гоҳе
Ниҳода лаб таги дандон, давидам.

Давидам то куҷое гоҳ мушкил,
Вале гоҳе басе осон давидам.

Намехоҳам шунидан аз зани хеш,
Ки чун гӯсола то каҳдон давидам.

Нагаштам аз раҳи худ як қадам пас,
Давидам, то ки будам ҷон, давидам.

Муроди банда шуд ҳосил ниҳоят,
Шикаст андар дилам армон, давидам.

**АГАР МАНСАБ НАБУД…**

Хору зоре будам, ар мансаб набуд,
Харсаворе будам, ар мансаб набуд.

Пеши фарзанду зану хушдоманам,
Таънасоре будам, ар мансаб набуд.

Ё ба дӯши як зани бечораe,
Дӯшборе будам, ар мансаб набуд.

Аз азоби беҳаде ранҷуру шал,
Бемадоре будам, ар мансаб набуд.

Чун дарахти бемаҳал хушкидае,
Бе баҳоре будам, ар мансаб набуд.

Кай чунин аз айшу нӯшу роҳате,
Чун қаноре будам, ар мансаб набуд.

Аз канори се зани гулгунканор,
Барканоре будам, ар мансаб набуд.

Кай чунин дар се канори шаҳрамон,
Се ҳисоре будам, ар мансаб набуд?

Ё чунин як дамкаши девору дар,
Аждаҳоре будам, ар мансаб набуд.

Бе ягон тарсу ҳарос аз ину он

Порахоре будам, ар мансаб набуд?

Кай чининам аз ҳисоби дигарон
Баргу боре будам , ар мансаб набуд?

Ҷон бидеҳ , эй ҷони ман, мансаб бихар,
Хору зоре будам , ар мансаб набуд.

**ШЕРИ ПАДАР**

Сархуш паси чанбар шишт,
Дар бари ӯ падар шишт.

Суръати «ҶИП» -аш чу бод,
Андар бараш падар шод.

Мегуфт бо шукрона:
«Шери падар ягона!

Саропояш ҷасорат,
Вуҷуди ӯ маҳорат.

Яқин, ки метавонад
Тайёраро биронад…»

Ин дам аз сари бора
«ҶИП»-аш бишуд тайёра.

Шаҳписари ягона,
Шери нари замона.

Дар як оне падарро
Расондӣ бар он дунё.

**ОВОЗА**

Овоза шуд, мешавам
Ман ҳокими вилоят,
Хешу ёру ошноям
Афзуда бениҳоят.

Дар ҳар қадам оғӯше
Сӯям мешуд кушода.
Месурхидӣ лабонам
Аз бӯсаи зиёда.

Садҳо нигаҳ зи ҳар сӯ
Бар сӯям боҳавас буд.
Хумби асал будам ман,
Гирдам пур аз магас буд.

Даҳҳо «Ҷип»-у «Таёта»
Шаб дар паси дарвоза.
Дар боғчи ҳар яке
Савғои тару тоза.

Шаб ҳама шаб дар хона
Базму тараб мезад ҷӯш.
Сози «Фалак» то фалак,
Ҳаёҳую нӯшонӯш.

Чун барзагови бонӣ
Сар то поям шуд таранг.
Ҳатто шими ҳафтодам
Бар тани ман бишуд танг…

Баъди ду маҳ дигар кас
Шуд ҳокими вилоят.
Аз болоям ба боло
Сар зад арзу шикоят.

Аз ин арзу шикоят
Омад андак хисоре.
Чун заррае будӣ он
Пеши нафъи бисёре.

Раҳмат ба он кӣ бинмуд
Овозае инчунин.
Дасти каме набинад,
Бар сад дарояд, омин!

**ЗАРБАЕ БА ЯК БЕШАРАФ**

-Хоҳам, ки оғӯши ман пур аз тани ту бошад,
Хоҳам, ки оғӯши ту пур аз мани ту бошад.

Онгуна аз тани ту пероҳанам шавад пур,
Онгуна аз танам пур пероҳани ту бошад.

Тавқе зи бӯсаҳоят бошад маро ба гардан,
Марҷон зи бӯсаҳоям дар гардани ту бошад.

-Ман мекунам чунонат, эй бешараф, пас аз ин
Оғӯши шӯи банда ҷои зани ту бошад!

**МАКР**

Аз бӯса лола мекард рӯи дугонаашро,
Бо панҷа шона мекард мӯи дугонаашро.

Аз атри ҳар гули тар, аз бӯи мушку анбар
Мехонд ӯ накӯтар бӯи дугонаашро.

Озурда дида ӯро, сероб карда гӯё
Аз сели оби дида ҷӯи дугонаашро.

Дар мунтаҳо ба ҳила, бо бӯсаву ба сила
Бинмуда ҷои айшаш кӯи дугонаашро.

Ӯро миёни раҳ кард, рӯзаш чу шаб сиёҳ кард,
Гардид соҳиб охир шӯи дугонаашро.

**УМЕД**

Тоқат намудам
Бар мушти сардор.
Бо сар давидам
Бо ҳушти сардор.

«Харам» бигуфт ӯ,
Чизе нагуфтам,
…Ба ҷои янга
Хона бируфтам.

Гар таънасорам
Аз ҷамъи ёрон.
Шодам, ки гаштам
Ман соҳибунвон.

Имрӯз агар не,
Фардо, медонам,
Аз ман мефахранд
Ҳамдеҳагонам.

**ШАРМАНДАГӢ**

Бо занҳои бегона
Шабҳоро ӯ саҳар кард.
Ин иллаташ ниҳоят
Бар хонумаш асар кард.
Меҳру вафои ӯро
Аз дори дил бадар кард.
Коми айши худ ширин
Ӯ бо марди дигар кард.
Шӯйи шармандаашро
Акнун шармандатар кард.

**БАЛОИ ҶОН**

Дар ин даври гаронӣ,
Айёми бозаргонӣ,
Бас ину он бидода,
Бо армони зиёда,
Зани ҷавон гирифтам,
Абрӯкамон гирифтам.
Гирифтаму сад афсӯс,
Нодида нози арӯс,
Итоби ӯ фузун шуд,
Хитоби ӯ фузун шуд.
Гуфто, ки: «Эй пири ғул,
Эй бандаи молу пул,
Хоҳӣ, ки бо ман бошӣ,
Ришатро метарошӣ!
То бар дили ҷавонам,
Сад орзу ниҳонам,
Наорӣ ноумедӣ,
Дур аз сар кун сафедӣ!
Зуд мӯи худ сияҳ кун,
Абрӯи худ сияҳ кун!
Аз занги бадбӯи нос
Дандонҳои ту ифлос.
Он ҳамаро кун аз зар,
Бишнав ин амри дигар:
Дар сар набинам дастор,
Дар бар қадима эзор!
Дар по набинам калӯш,
Туфлии зебо бипӯш!
Фармони дигар ҳамин:
Даррав бихар як мошин!
(Аз як чи ту огаҳ шав,
Бошад аз модели нав!)
Агар ронда натвонӣ,
Набвад ҷои ҳайронӣ.
Ҷавонам ман, мехонам,
Онро худам меронам.
Кино хоҳам, меравам,
Ҳар ҷо хоҳам, меравам.

Манмо баҳона бисёр,
Магӯ надорам асъор.
Хоҳӣ, ки доллар ёбӣ,
Бинмо нашъаҷалобӣ.

Бар даст агар афтодӣ,
Чӣ боке, дар ҳафтодӣ.
Аз кору бори хона
Хабар дорӣ ва ё на?
Дар хона (бояд донӣ),
Бештар аз ман мемонӣ.
Мепазиву мешӯӣ,
Агарчи бар ман шӯӣ!...
Бо ман макун доду вой,
Манро магӯ бача зой!
Аз он ду пешина шӯй,
Се бача дорам хушрӯй.
Ҳамон се-то ба ман бас,
Дигар надорам ҳавас…
Дар охир, фаҳмида мон,
Намедиҳиям фармон!
Агар маро ранҷонӣ,
Яқин, аз ман мемонӣ!»
Ҳар чӣ гуфт, иҷро кардам,
Хост он чӣ, пайдо кардам.
Ман аз бурун худамро
Кардам дигар сар то по.
Он ҳама ройгон рафт,
Аз ман моҳи тобон рафт.
Набвад дар ин ҷо сире,
Он ҳама айби пирӣ.
Зани ҷавон гирифтам,
Балои ҷон гирифтам.

**ЁРИ БАНГӢ**

Маро ду кулчаи рӯи қашангат,
Лаби андова бинмуда ба рангат,

Ду чашмони кабуди зери айнак
Ва шиму куртаву кастуми тангат,

Чунон аз ақли худ бегона бинмуд,
Ки чун девона мекардам гарангат.

Зи дунболи ту мерафтам, намешуд
Маро садде ҳама дашному ҷангат.

Ва гоҳе ҳамлавар медидамат ман
Ба сӯи банда монанди палангат.

На бо зӯрӣ, на бо зорӣ, ниҳоят
Ба доларҷон биовардам ба чангат.

Ду-се рӯзе ба пеши модари хеш
Бидидам боҳаё, бооу нангат.

Вале рӯзи дигар бо аҳли хона
Бидидам мӯканиву шӯру шангат.

Бигуфтам, то сари роҳат бигирам,
Ба сар омад маро борони сангат.

Шудам огаҳ пас аз рафтан, ки гаштӣ
Чунон девона аз хуммори бангат.

## НИҚОБ

Вақте мансаб гирифтам
Бо харҷи аз ҳад афзун.
Рӯзе кардам баромад
Дар оинаи нилгун.

Гуфтам, ки дар роҳи ҳақ
Мекунам ҷоннисорӣ.
Аз ҷону дил мекӯшам
Алайҳи порахорӣ…

Шаб омадам ба хона,
Ба хотири басе шод.
Монанди бабри бадхашм
Занам ба ман дарафтод.

Гулӯ дарронда гуфто:
«Эй ту, бигӯ, чӣ гуфтӣ?!
Молу маноли манро
Аз баҳри мансаб руфтӣ!...

Гӯфтам ба ӯ ба зорӣ,
Охир чаро чунонӣ,
Дурӯғу фанди манро
Гӯё акнун медонӣ.

Ҳар чи гуфтам, бошад он
Эй ҷони ман, ниқобам,
Парво макун, занакҷон,
Ҳисобашро меёбам.

## ХАЛТА

Туро бар ту набошад эътиборе,
Туро бар ту набошад ғамгусорӣ.

Туро аз ту чунон бегона бинам,
Ки дар худ баҳри худ ҷое надорӣ.

Ту андар худ намонда обрӯе,

Ки худро зери пои худ фишорӣ.

Ба пеши рӯи худ андар раҳи нур
Ту аз худ садди сангине гузорӣ.

Каси худро ту андар худ набинӣ,
Ки чун шоми зимистон сарду торӣ.

Бадо, чун халтаи бебору холӣ,
Дигарҳоро кунун дар ихтиёрӣ.

Зи дору, ё зи пору, ё … хулоса,
Касу нокас кунад ҷо дар ту боре.

## ШИКВА

Гӯё мурғи илҳомаш
Дигар н-ояд ба домаш.
Мекунад ӯ шикоят
Ҳар ҷо баъд аз саломаш:
Мегӯяд, талху тез аст
Шаҳду шакар ба комаш.
Шаб ҳама шаб бедор аст,
Бо шишаву бо ҷомаш
Метарсад ӯ, ояд зер
Яқин, ҳумои номаш…
Мардум аз ӯ шунида,
Пур аз алам каломаш.
Мегӯянд: «он мурғак, кош,
Асло нагардад ромаш.
Бар ҷони мо зад охир,
Ҳарфу ҳиҷои хомаш».

## ҶАЗОИ ОЛӢ

-Маҳзунӣ аз чӣ?
Чаро малолӣ?
-Ба ман бидоданд
Ҷазои олӣ!

-Ҷазои олӣ?!
Ин ҳукми қатл аст.
Кайҳо-ку қонун
Роҳи варо баст.

-Мемонд он ҳукм
Барҷо, ҷӯраҷон.
Аз мансаб рондан,
Осонтар буд он.

**«ИФТИХОР»**
Дар хизматат гар
Камар набастам,
Аз бангу бода
Масту аластам,
Сад бому дарро
Агар шикастам,
Дар илму дониш
Аз ҳама пастам,
Аз қайди пастӣ
Берун наҷастам,
Гар ҳамчу хоре
Дар ту бирастам,
«Ҷон Тоҷикистон,
Фарзандат ҳастам!»

**ЛУТФИ ТОҶИРОН**
**(Киноя)**
Бо сад азобе
Пахта мечинед.
Бо табу тобе
Пахта мечинед.

Моро ҷону дил
Сӯзад ба шумо.
Қасам мехӯрем,
Бо номи Худо!

Аз ин рӯ моён
Бар он бикӯшем,
Онро басе дур
Бурда фурӯшем.

То рӯи онро

Дигар набинед.
То мавсими нав
Осуда шинед.

## МУНОФИҚ

-Ало, ало, очаҷон,
Аҳволи ман чатоқ аст.
Ду-се моҳе келинам
Хӯрокам нони қоқ аст.
Хӯроки аҳли хона
Ширу гӯшту қаймоқ аст…
-Ҷони оча, ҳоло ист,
Рафта чиҳо мекунам!
Монанди ду апаат
Аз ӯ ҷудо мекунам.

## ОШИҚИ БОЗОРӢ

Моҳи мантуфурӯшам,
Садқа шавам ба нозат.
Чархам даври дӯконат,
Ҳамчу аспи ҷувозат.
Бошад хӯроки банда
Мантуи пурпиёзат.
Меорад иштиҳоям
Чашмони ишвасозат.
Орам зи гардун ахтар,
Бошад ба он ниёзат.
Аммо аз ин магӯ ту
Бар ину оне розат.
Ҷоно, ба ҷон метарсам
Аз шӯи қаддарозат.

## НОСИПОСӢ

Аз бӯи носи домод
Гуларӯсаш касал шуд.
Домоду хушдоманро
Бо ҳам шӯру мағал шуд.

Хушдоман гуфто: «Домод,
Бар ту диҳам огоҳӣ.
Бигзар аз баҳри носат,
Гар духтарамро хоҳӣ».

Домодаш гуфто: «Бар нос
Дорам аз ҷон ихлосе.
Асло ба он нахоҳам,
Эй амма, носипосӣ».

**КИСА БОДО ПОЯНДА**

Маводи ман дар киса,
Саводи ман дар киса.
Баҳои ман дар киса,
Тағои ман дар киса.
Мақоми ман дар киса,
Мароми ман дар киса.
Рафиқи ман дар киса,
Тариқи ман дар киса,
Қимати ман дар киса,
Ҳиммати ман дар киса.
Магӯ маро оянда,
Шавад аҳволат ганда.
Ба бахти ман оянда
Киса бодо поянда.

**ПУШТИБОН**

Чун чаккаи ту дилам туро мехоҳад,
Эй духтараки сафедаки чаккафурӯш.

Аз чаккаи рӯ то дили худ сер кунам,
Аз ҷамъи занон ҷудо шаву якка фурӯш.

Ҷонона, бидон, намешавад пушту паноҳ,
Шайдои ту-он сағераи маккафурӯш.

Ӯ гар бикунад харигарӣ дар пешат,
Чун такка кунам ҷанг мани таккафурӯш.

## ХУШОМАД

Ҳамеша бо яке хушти калонҳо,
Ба сар метохт аз пушти калонҳо.

На коса, балки баъд аз ҳар таоме
Ҳамелесид ангушти калонҳо.

Арақрезон, анорафшорашон буд,
Ту гӯӣ буд чархушти калонҳо.

Ба ҳар базме арақ мекард ӯ пок
Зи рӯ-шон баъди арғушти калонҳо.

Басе ӯ шод буд аз хешу охир
Бишуд девона аз мушти калонҳо.

## ДУРӮҒ

Кардаам аз кӯдакӣ обод бунёди дурӯғ,
Шаҳкитобе бошадам ин дам зи эҷоди дурӯғ.

Бо дурӯғам қалби сад Ширин ба даст овардаам,
Офарин хонам ба худ, яъне ба Фарҳоди дурӯғ.

Бо дурӯғам ҷоҳу унвонҳо маро омад ба даст,
Кас надида ҳамчу ман, эй дӯст, имдоди дурӯғ.

Рӯзгорамро дабистони дурӯғам кардаам,
Бошам андар он яке варзида устоди дурӯғ.

Бар забон ояд маро гар аз хатое ҳарфи рост,
Мерасад бар гӯши ман он лаҳза фарёди дурӯғ.

Мегазам неши забон, астағфирулло мекунам,
То ки бинам баъд аз ин ҳам хотири шоди дурӯғ.

Аз дурӯғам рӯ нагардонам ба сӯи ростӣ,
Медиҳам худро агар барбод бо боди дурӯғ.

## МАРГИ САФЕД

Як мори пурзаҳре шуда, бар хештан печидаам,
Аз ман маро набвад амон, он сон, ки ман печидаам.

Ку дигарам ҷои гурез, ку дигарам пои гурез?
Сар то ба по, по то ба сар андар расан печидаам.

Во ҳасрато, во ҳасрато, худро биафтонам зи по,
В-аз хештан бигзашта, бар фарзанду зан печидаам.

Гулзори ман аз ман хазон, гулёри ман аз ман хазон,
Ҳамчун хазонбодам, ки ман андар чаман печидаам.

Гардида домангири худ, аммо дигар аз ин чӣ суд?
Сад дод, аз «марги сафед» андар кафан печидаам.

## КЕЛИН ОВАРДАМ

Ман бо даву так келин овардам,
Бо «ГАЗ -31» келин овардам.

Бо ҷому бода, харҷи зиёда,
Бо нону намак келин овардам.

Бо азми воло, бо базми зебо,
Бо сози «Фалак» келин овардам.

Чархида афзун, бо қадди мавзун,
Кубида қарсак, келин овардам.

То н-орадам наҳ келини кӯтаҳ,
Ҳамсони лаклак келин овардам.

Қалбам бишуд хун, дидам, ки ҳамчун
Орӯи зардак келин овардам.

Э вои бахтам, бар фарқи сахтам,
Ман ҳамчун калтак келин овардам.

Аз доду вояш, аз зарбаҳояш,
Гардида чалпак, келин овардам.

Сад ҳайфи умрам, по сӯи гӯрам
Мондаст андак, келин овардам.

**ОРЗУИ БУЛҲАВАС**

Якта оимча бошад,
Миёнаш химча бошад.
Хушқаду зебо бошад,
Дандонаш тилло бошад.
Марғулакокул бошад,
Чеҳра мисли гул бошад.
Бошад дадояш туҷҷор,
Тағояш садри бозор.
Бошад фузун дулораш,
«ВОЛВА» дар ихтиёраш.
Хонае бошад ӯро,
Бошем ману ӯ танҳо.
Бас меҳрубон бошад ӯ,
Ороми ҷон бошад ӯ.
Очаш набошад ганда,
Бошад ғамхори банда.
Нагӯядам сатангӣ,
Нагӯядам ту бангӣ.
Эрка-домодаш бошам,
Ҳар ҷо дар ёдаш бошам.
Бошад ҳар он чи хушрӯй,
Набвад ҳар он чи бадбӯй,
Маро пешаш бихонад,
Дар даҳонам бимонад.
Ману духтарҷони ӯ,
Яъне он ёри хушрӯ,
Бас айшу роҳат кунем,
Сайру саёҳат кунем…
Гӯед акнун ба банда,
Орзуям оё ганда?!

## ПЕШПО

Ӯ дигар шуд аз ҳисоби дигарон,
Шери нар шуд аз ҳисоби дигарон.

Бас фузун дар як-ду-се моҳе варо
Симу зар шуд аз ҳисоби дигарон.

Бар ҳасудонаш басо ҳайратфизо
Бому дар шуд аз ҳисоби дигарон.

Зери пояш мошини кори калон
Ҷои хар шуд аз ҳисоби дигарон.

Он ҳама каҷҷу килеби рӯи ӯ
Пурратар шуд аз ҳисоби дигарон.

Ишкамаш якбора ҳамчун занбаре
Дар назар шуд аз ҳисоби дигарон.

Дасти ӯ бо гулнигори дигаре
Дар камар шуд аз ҳисоби дигарон.

Монда буд андак, ки авҷи давлаташ
То қамар шуд аз ҳисоби дигарон.

Пешпо додаш яке шармандагӣ,
Чун падар шуд аз ҳисоби дигарон.

## ДУОИ БАД

Бо оҳу нола омад
Духтар пеши додояш.
Гуфто: «Шӯям зан гирифт,
Дадо, бидеҳ ҷазояш!»

Дадояш бо алам гуфт:
«Забони ман кӯтоҳ аст:
Охир, зи дасти ду зан

Рӯзи худам сиёҳ аст.

Не, не, наметавон рафт
Имрӯз бар дари ӯ
Танҳо кунам дуояш:
Рӯзи ман дар сари ӯ!».

**ҲАМКОРӢ**

Ду ҷавони ҳақталаб
Дар маҳфиле дина шаб
Паҳлӯ ба паҳлӯ буданд,
Андар гуфтугӯ буданд.
Баъд аз хеле гуфтугӯ,
Баъд аз хеле пурсуҷӯ,
Яке гуфто ба дигар:
«Ман ҳофизам, бародар.
Гарчӣ ҳоло дар кӯе,
Дар маҳфиле, дар тӯе,
Баромаде накардам,
Даромаде накардам,
Аммо истеъдодам зӯр,
Мешавам рӯзе машҳур».
Ҳамраҳаш гуфт: «Офарин!
Ту ҳам худи ман барин:
Ҳунари ман шоирист,
Аммо касе огаҳ нест.
Агар хоҳӣ, бародар,
Биё, баҳри ҳамдигар

Ҳар ду ғамхорӣ кунем,
Яъне ҳамкорӣ кунем.
Ҳама кор аъло шавад,
Табъи дили мо шавад».
«Таклифи ту ҷудо нағз,
Будастӣ фарди бомағз.
Албатта, ман тарафдор.
Ҳоло сигора барор!»
Бо паймони ҳамкорӣ,
Ду ҷавони сигорӣ
Ба ҳам зада чак ба чак,
Дуди даҳан то фалак.

**ГИЛАИ ХУШОМАДГӮ**

Ҳайфи нахли қоматамро пеши ту хам карданам,
Ҳайфи бар ғамҳои дил ғамҳои ту зам карданам,
Рӯзи марги холаи ту дида пурнам карданам,
Оқибат аз курсии мансаб ҷудо кардӣ маро.

Ҳайфи бо сад меҳрубонӣ хӯҷаинҷон гуфтанам,
Дар набуданҳои янга хонаатро руфтанам,
Дар бари ду тифли танҳои ту шабҳо хуфтанам,
Таънасори ҷумла ёру ошно кардӣ маро.

Ҳайфи бар хешу таборат меҳрубонӣ карданам,
Ҳайфи ҳар як навбати ту подабонӣ карданам,
Ҳайфи аз даври ту умре пашшаронӣ карданам,
Эй, чаро дур аз ҳама кайфу сафо кардӣ маро.

Ҳайфи ҳар рӯзе ба ту носу сигор оварданам,
Баҳри ҳар меҳмони ту себу анор оварданам,
Янгаро ҳар бегаҳӣ аз ҷои кор оварданам,
Ҳамчунон як ҷандае бас камбаҳо кардӣ маро.

Ҳайфи он як меҳрубону моҳи тобон хоҳарам,
Бар ту додам бе қалину бе ризои модарам,
Эй басе сангу сафоли таъна омад бар сарам,
Эй, чунин шармандаву расво чаро кардӣ маро?!

Ҳайфи дар ҳар атсаат, бошӣ саломат, гуфтанам,
То, ки ҳастӣ, бош дур аз ҳар маломат, гуфтанам,
Ҳайфи умре аз дилу ҷонам хушомад гуфтанам,
Дар ғами мансаб аҷаб обу адо кардӣ маро.

**ОБРӮЯМРО МАРЕЗ**
-Ман, ки як бообрӯям, обрӯямро марез,
Беҳтар аз ин бар ту шӯям, обрӯямро марез.

Шаб ба айби мастиам рафтам ба кӯи дигаре,
Ту марон манро зи кӯям, обрӯямро марез.

Пайкарам озурдааст аз шаттаи шаб хӯрдаам,
Дасти худ гир аз гулӯям, обрӯямро марез.

Он ҳама муште ба сар омад маро, ҷоно, бас аст,
Эй, мазан панҷа ба мӯям, обрӯямро марез.

Ҷони ман, айбе надорад косаю дегу табақ,
Пора кун ҷому сабӯям, обрӯямро марез.

-Ту куҷоюю обрӯе, фосику шармандаӣ,
Беҳаё, дигар магӯям: «Обрӯямро марез!».

**УМЕДИ БАРБОД**
Янгат аҳли туҷҷор аст,
Ҷои ӯ дар бозор аст.
Кори хона шабу рӯз
Бар дӯши банда бор аст.
Рӯбучину пухтупаз,
Эҳ, ин қадар бисёр аст!
Гаҳ шустушӯи коса,
Гаҳ куртаву шалвор аст.
Як тифли бадғаше боз
Бар гарданам савор аст.
(Аз ду шӯи пешинаш
Ду бачаи айёр аст.
Аз дасти он ду бесар
Манро як ҳоли зор аст!)
Янгаат агар бинад
Хӯрокаш нотайёр аст,
Аз доду фарёди ӯ
Рӯзам чун шоми тор аст.
Шӯяш шудам бо умед,
К-ӯ як зани пулдор аст.
Кай донам, ба тоҷирзан
Шавҳар будан душвор аст.

**«ДИЛСӮЗӢ»**

-Мо, дадояш, туҷҷорем,
То бегаҳ дар бозорем.

Мо соҳиби хона не,
Як қасри боманорем.

Модарҷонатро он ҷо
То кай танҳо гузорем.

Аз зинаҳояш афтад,
Мо ҳар ду таънасорем.

Биё, ба кӯи пирон
Бурда ӯро супорем.

-Ман розиям, азизам,
Мо се-то мошин дорем.

Ҳар дам бирафта он ҷо
Ғам аз дилаш барорем.

Кай монемаш шавад хор,
Мо фарзанди баорем.

**ОҚИБАТИ БАД**

Тарбияи бачаҳо
Кори оча ё додо?
Дар ин хусус дар кӯе
Байни заневу шӯе,
Шаб баҳси мову ман шуд,
Яке бардорузан шуд.
Мӯканиву рӯканӣ,

Рӯканиву мӯканӣ.
Дастархон шуд зери пой,
Кӯдакон дар доду вой…
Оқибати ин нифоқ
Анҷомида бо талоқ.
Тарбияи бачаҳо
Монда кнун дар ҳаво.

БЕЧОРА

Ба амри дадояш монд
Як рафиқи банда риш.
Шуд аз зани ӯ оғоз,
Қаҳру итобу коҳиш.

Амри янга чунин аст:
«Бояд ришат набошад!»
Додои ӯ нагзорад
Ришашро ӯ тарошад.

Бечора аз ғами беш
Гардида ҳамчу хӯса.
Мегӯяд ӯ: «Мешудам,
Эй кош, марди кӯса!»

**ҒАЗАБ**

-Аз тарбияи бачет
Бепарвоӣ, э дадош.
Мегардад ӯ рӯзу шаб
Беҳуда бо ҷӯраҳош.
Андар дами ҷиноят
Истодааст, огаҳ бош!
-Муште занам, ки гардад
Дандонҳоят резу чош.
Рав, бар муаллимаш гӯй,
Мегирад эшон маош.

**ГИЛА АЗ ГИЛА**

-Эй ки мегӯӣ, занак, ину фалон
Соҳиби се хона дар се барзан аст.
Соҳиби шаш мошини кори калон
Соҳиби гулбоғҳову гулшан аст…
Гар манам даҳ солу беш аз он раис,

Давлати ӯ гӯиё беш аз ман аст.
Ту намегӯӣ чаро боре, варо
Ҳамчу ман якто наю сето зан аст.

**ПУШАЙМОНӢ**

Зане худро ҳамекардӣ маломат:
«Намонам то ба фардо ман саломат!
Агар монам, ду чашми ман шавад кӯр,
Намудам оши айшамро худам шӯр.
Ба уммеди зару зевар шудам ман,
Ба уммеди дуру гавҳар шудам ман.
Гирифтам ҳар замон аз каштали шӯй,
Задам муштеву захмин кардамаш рӯй.
Ва ҳарфи носазое гуфтамаш беш,
Чи ҳарфи норавое гуфтамаш беш.
Бигуфтам, бас қаноат бар маошат,
Ба кори равғанин бинам талошат.
Вагарна меравам ман аз бари ту,
Биёрам бас балоҳо бар сари ту.
Намонда тоқату тоби ӯ дигар,
Ба имдоди ду-се ёру бародар
Шуд ӯ соҳиб ба кори бодаромад,
Вале рӯзи сиёҳам бар сар омад:
Ба вақте симу зар ӯро фузун шуд,
Дигар шуд ӯ, зи ҳадди худ бурун шуд.
Ба таннози дигар ҳамхона шуд ӯ,
Зи ман дуру ва ҳам бегона шуд ӯ.
Пушаймонам, пушаймонам зи корам,
Ки месӯзам дар ин дардода норам».

**ОШИҚИ НОКОМ**

Шудам шайдои самбӯсафурӯше,
Ба дил зад оташи ишқаш забона.
Аз ӯ самбӯса хӯрданро ҳама рӯз
Барои хештан кардам баҳона.

Ҳамехӯрдам аз ӯ самбӯсаю лек
Набуд ӯро ба ман майли нигоҳе.
Маро самбӯсаҳои пурпиёзаш
Зи по афтонду кардандам ҷароҳӣ.

Дареғо, ки аз ин самбӯсаандом
Надида як сари мӯ айшу роҳат.
Вале андар буруну дар дарунам
Бимонда, эй бадо, сӯзу ҷароҳат.

**ШАРТ**

-Бихоҳам, ман хурӯсу ҷони ман, ту мокиён бошӣ,
Ба даврат парфишон бошам, ба даврам парфишон бошӣ.

Агар гоҳе зи мастиҳо занам фарёди мастона,
Наранҷи аз манну бар ман, азизам, меҳрубон бошӣ.

Хурӯсу мокиёнҳои дигарро то бисӯзонем,
Миёни ҷодаҳо хоҳам, ки бо ман ҳамқирон бошӣ.

-Агар хоҳӣ чунон бошам, бароят меҳрубон бошам,
Хурӯсе он чунон бошӣ, зи туҷҷори калон бошӣ.

Ҳамеша кисаҳоятро бубинам пур зи долларҳо,
Зи зар тоҷам ба сар бинҳода, худ «Тайёта»-рон бошӣ.

Набитвонӣ чунон будан, хурӯсе пуртавон будан,
Ҳамон беҳтар бувад, дар чашми ман ту ноаён бошӣ.

**ҲАРФИ ТАЛХ**

Ҳарфи талхам аз даҳон омад бурун,
Ҳамчу тире аз камон омад бурун.

Ҳамсарам-он сайди захмингаштаам,
Аз дарун бо сад фиғон омад бурун.

Панҷа зад ӯ бар сару бар рӯи ман,
Оҳи бодардам зи ҷон омад бурун.

Баъд аз он аз дар дарун рафту зи дар

Чаппасар бо кӯдакон омад бурун.

Рафт ӯ бар хонаи додои худ,
Мурғи сабрам з-ошён омад бурун.

Оши айшам талх шуд з-он ҳарфи талх,
К-аз даҳонам ногаҳон омад бурун.

## НОМАИ БАРОДАРӢ

Эй ҷӯраҷонам, шери нар он ҷо туӣ, ин ҷо манам,
Бо савлату бо карру фар он ҷо туӣ, ин ҷо манам.

Он ҷо ба ту қоил ҳама, ин ҷо ба ман моил ҳама,
Болонишин, бологузар он ҷо туӣ, ин ҷо манам.

Менозам аз рафтори ту, ту ноз аз рафтори ман,
Бо сарварон ширу шакар он ҷо туӣ, ин ҷо манам.

Соҳиб шуда бар ину он, бар хона, бозору дукон,
Аз ранҷу заҳмат бехабар он ҷо туӣ, ин ҷо манам.

То он даме моро тағост, айшу тараб аз они мост,
Дар тахти савлат бехатар он ҷо туӣ, ин ҷо манам.

## ЯКЕ ШОДУ ЯКЕ НОШОД

-Мӯи ман кам мешавад, ғам мехӯрам,
Ошу нону ину он кам мехӯрам.

Мекашам ҳар лаҳзае носу сигор,
То бурун орам зи қалби худ ғубор.

Эй занак, аммо чаро хандон туӣ?
Ин чи бепарвоӣ, магар нодон туӣ?

Офарин бар завҷаи сардорамон,
Ҳар киро зан бошад ар, бошад чунон.

Шавҳарашро мӯи мушкин шуд сафед,
То нагардад қалби эшон ноумед,

Дод фармон то кунад онро сиёҳ,
Рост бошад ин гапам, дорам гувоҳ…

-Эй дадояш, аз чӣ охир ғам хӯрам,
Ошу нони хештанро кам хӯрам?

Ё бидида чеҳраи хандони ман,
Аз чи охир мешавӣ ҳайрони ман?

Ман ҳамедонам ғамат аз баҳри чист,
Ҷои пинҳон карданам имрӯз нест.

Он ду-се таннозаи дилҷӯи ту
Дида акнун каллаи каммӯи ту,

Аз ту тори айши худ бармекананд,
Торашонро ҷои дигар метананд.

## АРМОН

Хӯҷаинам, кош як зан доштӣ,
Шояд ӯ осудаам бигзоштӣ.

То ки он хушдомани нодони ман
Хонабезорам намепиндоштӣ.

Дар раҳу рӯ байни мардум ҳар замон
Кашталамро камтарак медоштӣ.

Ё ба кӯям омада ӯ бар сарам
Доду вовайло намебардоштӣ.

Духтари худро намебурду ба ман
Шояд ӯро боз медод оштӣ.

## БЕҲУДАХАНД

Механдаму механдам, беинтиҳо механдам,
Гоҳе баҷо механдам, гоҳе хато механдам.

То гӯшаи ду гӯшам даҳонамро кушода,
Гаҳ босадо механдам, гаҳ бесадо механдам.

Бар хандаи беҳуда чунон намуда одат,
Бовар кунедам, ёрон, рӯзи азо механдам.

Аз ёру аз рафиқон, аз бас касони дигар
Ояд ба ман итобе, аз чӣ, чаро механдам?!

Набвад писанди мардум беҳудахандаҳоям,
Хоҳам нахандам як дам, ёрон, аммо механдам?!

Дар хонаам нахандам аз тарси хонуми хеш,

Ҳар он қадар, ки хандам, дар кӯчаҳо механдам.

**БОШАД, МАБОД**

Ҳар киро домоди бемошин агар бошад, мабод,
Гарчи сар то пои домодаш ҳунар бошад, мабод.

Ҳар киро бошад арӯси нозанинею варо
Бе мақому ҷоҳу унвоне падар бошад, мабод.

Ҳар киро дар ин ҷаҳони бебақои даргузар
Ҷӯраи бемансабу бесиму зар бошад, мабод.

Ҳар киро гар мансаби воло насиб асту вале
Аз рафиқу ҷӯрабозӣ дар ҳазар бошад, мабод.

Ман чунон хоҳам, агарчи бас касе гӯяд маро:
«Ҳар кӣ чун ту фарди дунёбехабар бошад, мабод»!

**АФСӮС**

Бунёди ман будӣ тиҳӣ аз нанги ман, аз нанги ман,
З-ин рӯ набуд асло касе ҳамранги ман, ҳамранги ман.

Дарро ба рӯи ман бубаст ағёру ёру ҳамнишаст,
Чун бас дару сарҳо шикаст аз санги ман, аз санги ман.

Аз рӯи ман гардонда рӯ оне, ки андар роҳу рӯ
Афтод дар мастии ман дар чанги ман, дар чанги ман.

Дар ҷисму ҷони ину он, монда аёну ноаён,
Бас доғу дарди норавон аз ҷанги ман, аз ҷанги ман.

Гаҳ зарбаам омад ба сар, гоҳе ба по, гаҳ бар камар,
Ҳаргиз нагардида дигар оҳанги ман, оҳанги ман.

Ман омадам акнун ба худ, аммо аз ин дигар чӣ суд?
Кам мондааст андар вуҷуд аз ҳанги ман, аз ҳанги ман.

**БАД**

Бештар аз ҷумла ёрон қад кашид,
Ҳайфи он қад, аз ғизои бад кашид.

Эй бадо, бас гашт бадбунёд ӯ,
Оқибат худро бурун аз ҳад кашид.

Чун кашидандаш ба сӯи ҳадди хеш,
Хешро андар паноҳи рад кашид.

Порсое ҳар гаҳе пандаш бидод,
Хобаш омад, рӯи бистар мад кашид.

Ҳайфи он бечорае, к-ин бешараф
Панҷа бар домони эшон зад, кашид.

Раҳмате нашнид ӯ дар умри хеш,
Хешро гар то ба кӯи сад кашид.

**ПИРАМ МАГӮ**

Дар таги ҳафтодаму ҷононаам, пирам магӯ,
Ту махон аз ақли худ бегонаам, пирам магӯ.

Мӯйи испедам бидида, аз чӣ парҳезӣ зи ман?
Эй ту, бингар ҳайбати шеронаам, пирам магӯ.

З-он ҷавони ошиқи бе симу зар бар ту чӣ суд?
Бо зару симам, бикун шукронаам, пирам магӯ.

Бо хумори он лабони ғунчасонат ҳар шабе,
Лаб бимонам бар лаби паймонаам, пирам магӯ.

З-он яке аз ду зани худро бирондам баҳри ту,
Садқаи як тори мӯят хонаам, пирам магӯ.

**ПИНҲОН БИЁ, ПИНҲОН БИРАВ**

Эй гул, ту бар дӯкони ман пинҳон биё, пинҳон бирав,
Эй нозанин, эй ҷони ман, пинҳон биё, пинҳон бирав.

То ки набинад ҳамсарам, берун наронад аз дарам,
То нашканад дандони ман, пинҳон биё, пинҳон бирав.

Чун Юсуфам дар ин замон, туӣ Зулайхоям, бидон,
Дӯкони ман, Канъони ман, пинҳон биё, пинҳон бирав.

Ин ҷо кабоби баррагин аз баҳри ту, эй нозанин,
Харҷаш ҳама аз они ман, пинҳон биё, пинҳон бирав.

То бишканад армони ту, молу манол арзони ту,
То бишканад армони ман, пинҳон биё, пинҳон бирав.

## СУРУДИ БОЗОРӢ

Гӯшаи бозор чун боғу чаман бошад маро,
Роҳатафзо, мумиё бар ҷону тан бошад маро.

Рӯзу моҳу соли умри банда ин ҷо бигзарад,
Кай хабар аз хонаву фарзанду зан бошад маро.

То дами шом аз саҳар мардумфиребӣ мекунам,
Бо яке ҷангу ба дигар мову ман бошад маро.

Лаҳзае баски забонам аз қасам ором нест,
Ҳамчунон мағзобае кафки даҳан бошад бошад.

Пешаи дигар надорам ман ба ҷуз қаллобиам,
Гарчи бозӯи қавӣ чун Кӯҳкан бошад маро.

## САЗОВОРИ НОСАЗОВОР

Ҳамон рӯзе, ки бо фармони боло
Тағои банда болотар баромад.
Бигуфтам, баҳри чӣ беғам нишинам,
Бикӯшам, ки кунун даври ман омад.

Ҳамедонам, ки акнун бози мансаб
Нишинад дар сари каммӯи банда.
Шумурда носазоворам бихандад,
Ҳар он ки бингарад бар сӯи банда.

Задам молу маноламро ба савдо,
Ки то худро кунам фарди сазовор.
Агарчи завҷаи номеҳрубонам
Фузун додӣ маро хориву озор.

Ба даст омад ба имдоди рафиқе
Дар аввал туфливу костуми финӣ.
Даҳони ту кушода монад охир,
Чу фардо бандаро бо он бубинӣ.

Ба нархи қимате пайдо намудам,

Яке боронии хуби маҷорӣ.
Чунин озода як борониеро
Гумонам, ҳеҷ сардоре надорӣ.

Харидам баъд аз он пероҳани хуб,
В-аз он беҳтар харидам ман кулоҳе.
Ҳар он ки бинад онро дар сари ман,
Бурун ояд варо аз сина оҳе.

Хулоса аз бурун дар андаке вақт
Худамро карда сар то пой тайёр.
Валекин калларо кардан мувофиқ,
Бароям кори сангин асту душвор.

**ИҚРОР**

Як маҷлиси калон буд,
Маҷлиси раҳбарон буд.
Садре минбар баромад,
Бо карру фар баромад.
Афшонда ӯ гулӯяш,
Молида мӯю рӯяш,
Айнакашро ниҳода,
Авроқеро кушода,
Пас бо тамоми овоз
Кард ӯ ба хондан оғоз.
Ҳиҷо-ҳиҷо мехонд ӯ,
Аммо хато мехонд ӯ.
Бар ҷои марди деҳқон,
Мехонд ӯ марги деҳқон.
Бар ҷои аз ҳар фоиз,
Мехонд ӯ аз ҳар поиз.
Бар ҷои дар садорат,
Мехонд ӯ дар асорат.
Бар ҷои аз ҳар сар гов,
Мехонд ӯ аз ҳар наргов…
Аз рӯ арақ мешорид,
Рӯи варақ мешорид.
Охир кашида оҳе,
Кард ӯ ба мо нигоҳе.
Гуфто: «Сӣ соли расо
Дар маҳфилу маҷлисҳо
Хондам барои мардум,
Навиштаҳои мардум.
Аммо ба ин душворӣ
Кай хонда будам боре!
Ин ҷо на айби банда,
Ҳаст айби нависанда».

## ҒАМ МАХӮР

Гар баҳои ду бигирӣ, ҷони додо, ғам махӯр,
Заррае парво макун аз он муаммо, ғам махӯр.

Бо умеди «чор»-у «се» шабзиндадориҳо бас аст,
Шаб бихоб осуда дар ин қасри зебо, ғам махӯр.

Аз мазоқи ҳамсабақҳо то нагардад хира табъ,
Кар намуда гӯши худ аз ҳарфи ноҷо, ғам махӯр.

Ҷони ман, «Тайёта»-ро ту ҳар тараф тозонда гард,
Ҳар куҷо хоҳӣ, бирав сайру тамошо, ғам махӯр.

Мерасӣ бар қуллаи мақсудат, эй шаҳбози ман,
То манам дар мансаби пурпулу пайдо, ғам махӯр.

## БЕ ТУ ШАВАМ ҲАЙФ

Ту рафтӣ, эй маҳо, бе ту шавам ҳайф,
Мани аз ту ҷудо, бе ту шавам ҳайф.

Гунаҳгорам- туро кардам лату кӯб,
Бикардам тавбаҳо, бе ту шавам ҳайф.

Занам бар каллаи бемӯи худ мушт,
Чунин кардам чаро?- бе ту шавам ҳайф.

Наоӣ, ҷонакам, мемирам охир,
Биё, баҳри Худо, бе ту шавам ҳайф.

Биё, ки хоки поятро ба чашмам,
Бисозам тӯтиё, бе ту шавам ҳайф.

Қасам бар ҳоли зорам, ҳар чӣ хоҳӣ,
Бикун бар ман, биё, бе ту шавам ҳайф.

**БАС НАБУД**

Бевафоё, ту маро овора кардӣ, бас набуд?
Пеши худ бечораю дар зора кардӣ, бас набуд?

То намонам по ба кӯи он занам, рӯзу шабам
Хонабону дар бари гаҳвора кардӣ, бас набуд?

Чун харидам куртае аз баҳри ӯ пинҳон зи ту,
Куртаамро бар танам сад пора кардӣ, бас набуд?

То намонам сар ба болинаш, сари сахти маро
Ғарқи хун бо зарби санги хора кардӣ, бас набуд?

Модари бераҳми ту нохун ба рӯи ман кашид,
Он замон бо завқ ту наззора кардӣ, бас набуд?

Оқибат додӣ ба судам бо гуноҳи дузанӣ,
Бас ҷафоҳо бар мани бечора кардӣ, бас набуд?

**САНҶИШ**

-Дар он лабҳои рангинат,
Азизам, пашшае шинад,
Варо оҳиста медорам,
Туро то ки наёзорам.
Пас аз он ҳамчунон ҷаллод
Ҳаёташро диҳам барбод.
В-агар як гурбае ногаҳ,
Битарсонад туро дар раҳ,
Чу тозие варо дорам,
Ҳамоно пеши ту орам.
Ба фармони ту, эй маҳрӯ,
Ҷудо созам ду гӯш аз ӯ…
-Чунон дилсӯзу ғамхорӣ,
Биё ту, аз сари ёрӣ,
Маро то хона ҳамраҳ шав,
Вале аз як чӣ огаҳ шав,
Саги ҳамсоя ғофилгир,
Мабодо бигсалад занҷир…
-Азизам, ин чӣ нодонӣ,
Маро сӯи бало хонӣ?!

**ЗАБОНИ МО ҚАРИН БУД**

Замоне хонадони мо қарин буд,
Ҳама хурду калони мо қарин буд.

Замоне, баъди як рӯзи ҷудоӣ,
Ба ҳамдигар лабони мо қарин буд.

Ту гӯӣ ҳамчунон келину домод,
Хурӯсу мокиёни мо қарин буд.

Сагеро кӣ қарин дида ба гурба?
Аҷаб он буд, к-аз они мо қарин буд.

Вале акнун касе бовар надорад,
Замоне ину они мо қарин буд.

Ҳама бегонагии мо аз он шуд,
Ки дилҳо не, забони мо қарин буд.

**БУДУ ҲАСТ**

Каллаатро меситоӣ, к-он кадуйе буду ҳаст,
Ҳардуро фарқе фақат анбӯҳи мӯйе буду ҳаст.

Мекунӣ даъвои покиҳо, вале дар рӯи ту
Нақш аз нохуни чандин лоларӯйе буду ҳаст.

Хештанро аз чӣ мехонӣ ту марди порсо?
Ҷумларо аз гоҷии ту гуфтугӯйе буду ҳаст.

Бодаро гӯӣ харому лек андар рӯи ту
Доғи захми шаттаҳои ҳамсабӯйе буду ҳаст.

Гар касеро аз кӣ буданҳои ту бидҳи савол,
Посухе ояд, ки «Як беобрӯйе буду ҳаст».

**НОКАС**

Се хӯҷаин шарманда шуд, аз дасти кӣ?
Аз дасти ман.
Се ҷонишин ҳам ганда шуд, аз дасти кӣ?
Аз дасти ман.

Сад хонае вайрона шуд, сад ошно бегона шуд,
Сад тори меҳре канда шуд, аз дасти кӣ?
Аз дасти ман.

Сад фарди боандешае, сад марди некӯпешае,
Бeқадр ҳамчу ҷанда шуд, аз дасти кӣ?
Аз дасти ман.

Аз фарқи бас марди баор, марди шарафманди диёр,
Тоҷи шараф афганда шуд, аз дасти кӣ?
Аз дасти ман.

Он кӣ ба ман қоил нашуд, бар гуфтаам моил шашуд,
Бар дарду доғе банда шуд, аз дасти кӣ?
Аз дасти ман.

**ҚАРЗ**

Қоматамро пеши ту хам карда будам, мекунӣ,
Бар ғамам ғамҳои ту зам карда будам, мекунӣ.

Роҳату кайфу сафоят аз ҳисоби банда буд,
Хешро баҳри ту Ҳотам карда будам, мекунӣ.

Хонае бино намудӣ ҳамчу кохе, ман дар он
Қуввамро эй басе кам карда будам, мекунӣ.

Рӯзи марги холаю бобою ҳам момои ту
Дидагони хеш пурнам карда будам, мекунӣ.

Ҳар гаҳе ки янгаам қалби туро озурда буд,
Ҳарфи худро бар ту марҳам карда будам, мекунӣ.

Хӯҷаин будӣ, бародар, хӯҷаин акнун манам,
Бемуҳобо, он чи гуфтам, карда будам, мекунӣ.

## ХОБИ МАНСАБПАРАСТ

Чӣ хуш, яку якбора
Шудам садри идора.
Кулаҳбасар шудам ман,
Фавран дигар шудам ман.
Дар ихтиёрам «Волва»,
Хидматгузорам «Волва».
Ба ҳар ҷо монам поям,
Чандин кас аз қафоям.
Яке ако мегӯяд,
Яке таѓо мегӯяд.
Дигар маро ягон кас,
Нагӯяд акаи Хас.
Медароям аз ҳар дар,
Дасти ҳама пеши бар:
«Ако, боло нишинед,
Ако, дарде набинед!»
Дар як тараф кабоб аст,
Дар як тараф шароб аст.
Ҳар он чи рӯи хон аст,
Аз баҳри акатон аст.
Ба хонаю идора
Садҳо кас орад пора.
Эҳ, ин чи бахти аъло!
Бахти аъло буд, аммо…
Ёрон, шумо аз ҳасуд
Напечед асло ба худ.
Ба ин ҳама вақти хоб
Ман гардидам шарафёб.

## САБАБ

Маҳо, айши ману ту дар идора
Намешуд бар зани ман ошкора,

Наметаркид чун тарканда мина,
Намезад бар сари ман бо тағора.

Намекардӣ ду дандон тарки манзил,
Намеҷаст аз ду чашми ман шарора.

Ба нохун ҷӯ ба рӯйи ман намеканд,
Ба тан шимам намекард ӯ ду пора.

Ба ҳоли ман намехандид охир,
Зи пирон то ба тифли гоҳвора.

Агар нақше аз он лабҳои рангин,
Намемондӣ ба рӯям чун ишора.

## БОВАР НАКАРД

Ман шудам шайдои як ҷонона, ӯ бовар накард,
Пеши ӯ хӯрдам қасам мардона, ӯ бовар накард.

Чун бидидам завқи молу симу зар дорад фузун,
Сарфи ӯ кардам ду-се моҳона, ӯ бовар накард.

Ваъдаҳо додан ба ӯ осон набуд бар ман, вале
Ваъда додам давлати шоҳона, ӯ бовар накард.

Ришу мӯи сар расондам, карда ҳоли худ аҷаб,
Ман шудам аз ошиқӣ девона, ӯ бовар накард.

Чун бишуд маҷнуниям афсона байни одамон,
Завҷаам манро биронд аз хона, ӯ бовар накард.

## ИТТИФОҚӢ

Ману сардори ман бо ҳам азизем,
Ду марди меҳрубону ботамизем.
Шиори мо ҳамебошад ягона,
Қарори мо ҳамебошад ягона:
Баробар кандану хӯрдан баробар,
Баробар зиндагӣ, мурдан баробар.
Мисоле оварам аз баҳри бурҳон,
Шуморо боварӣ бахшам, азизон:
Варо дар пода гар даҳ гови зотист,
Азони банда ҳам камтар аз он нест.
Варо дар хона бошад ду машина,
Баробар бо ӯ бошад аз камина.
Агарчӣ дорад ӯ ду хона, ду зан,
Чунон бошад, азизон, аз худи ман.

Аз ину он ҳамегирад ӯ пора,
Набошам з-он амал андар канора.
Хулоса, мо ду марди иттифоқем,
Алайҳи мову манҳову нифоқем.
Чу мо ҳар ҷо, ки садру ҷонишинест,
Азизон, лоиқи сад офаринест.

**АЛАМ**

Хурӯсам мокиён шуд, мансабам рафт,
Тавонам нотавон шуд, мансабам рафт.

Ҳамекардам ба садҳо кас калонӣ,
Занам бар ман калон шуд, мансабам рафт.

Ҳамон таннозае, ки дилбарам буд,
Нигори дигарон шуд, мансабам рафт.

Чу гарди доманам буд он, ки хира,
Зи чашмам ноаён шуд, мансабам рафт.

Фурӯ дар худ бирафтам, он ки будам,
Ҳама дар ман ниҳон шуд, мансабам рафт.

**ТИЛЛО БУДАМ**

Баҳри як ҷононае якто будам,
Ман барояш давлати дунё будам.

Бо сари бемӯю зиштиҳои ру,
Бе муҳобо, аз ҳама зебо будам.

Гар набудам қимате дар пеши зан,
Пеши ӯ қиматтар аз тилло будам.

Ӯ ҳамегуфтам: «Ҷавони нозанин»,
Гарчӣ аз ҳафтод ҳам боло будам.

«Чобуку чолоки ман», мегуфт ӯ,
Ман фузун аммо зи сад кило будам.

Бовафои хеш мехонд ӯ маро,
Гарчӣ бар чанде чу ӯ шайдо будам.

Бехабар будам зи фарҳангу адаб,
Баҳри ӯ ман аз ҳама доно будам.

Гоҳ кардам ҳамраҳаш сайри чаман,
Гоҳ дар гулбоғу дар кино будам.

Ман зи лутфу меҳрубониҳои ӯ
Масту лайло бе ягон вино будам.

Эй, ки н-ояд боварат аз он, ки ман
Як замон яктои он раъно будам.

Кай ту донӣ, банда андар он замон,
Соҳиби як мансаби воло будам.

**ИЛТИҶО**

(Дар ҳавои суруди халқӣ)

Эй занам, эй занам,
Дара бикшо, манам,
То ба кай, то ба кай,
Сара бар дар занам?!
Шаби дай асту бас ҳолам хароб аст,
Куҷо дигар маро кайфи шароб аст.
Биларзам ҳамчу барги беди ларзон,
Чӣ бераҳмиву чӣ нозу итоб аст?!
Эй занам, эй занам,
Дара бикшо, манам,
То ба кай, то ба кай,
Сара бар дар занам?!
Ду-се захме ба сар дорам, азизам,
Ва захме дар камар дорам, азизам.
Намо раҳме ба ҳоли зори банда,
Ки ҷони дар хатар дорам, азизам.
Эй занам, эй занам,
Дара бикшо, манам,
То ба кай, то ба кай,
Сара бар дар занам?!
Дароям чун зи дар, дор аз ду гӯшам,
Бидеҳам тавба, ки дигар нанӯшам,
Бинӯшам бори дигар баъд аз ин ман,
Бимон дар пушти дар ҳарду калӯшам.
Эй занам, эй занам,
Дара бикшо, манам,
То ба кай, то ба кай,
Сара бар дар занам?!

**МАДҲИ ТАНБАЛ**
-Эй онаҷонаш,
Эй ёри дилсӯз,
Зебо шудастӣ
Чун маҳ ту имрӯз.

Оё намудӣ
Дар рӯ ниқобе?
Ё бинамат ман
Ҷоно, ба хобе?!

Бинмуда манро
Шайдою мафтун.
Дар ҳусн ҳастӣ
Аз Лайлӣ афзун!

Бовар намо ту,
Ман монда ҳайрон.
Бошад чӣ сире,
Эй дилбари ҷон?

-Донӣ сабаб чист,
Медонам, додош.-
Мешавам зебо
Ман рӯзи маош.

**ХАТО БАХШИДАМАТ**
Бо ҳама кибру дағо бахшидамат,
Бо ҳама кизбу риё бахшидамат.

Ҳамчу сардорам накардӣ эҳтиром,
Носазо гуфтӣ маро, бахшидамат.

Чун зи мастиҳо биафтодӣ ба даст,
Кам на, се бори расо бахшидамат.

Он қадар фисқу фуҷурат шуд фузун,
К-аз занат гаштӣ ҷудо, бахшидамат.

Модари муштипару бечораат
Кард аз ман илтиҷо, бахшидамат.

Оқибат кардӣ ту ҷоямро зи худ,
Ман кунун донам, хато бахшидамат.

Мезанам мушти пушаймонӣ ба сар,
Эҳ, мани нодон чаро бахшидамат?!

**МАН НАМЕГӮЯМ**

Ман намегӯям бароям зар биёр,
Ё бароям бастаи долар биёр.

Хона месозам, намегӯям туро
Хишту чубу тахтаву мармар биёр.

Завҷаамро ҷашни мавлуд аст, лек
Ман намегӯям майу соғар биёр.

Рӯзи тӯи духтарам кай гӯямат
Шаддае аз дурру аз гавҳар биёр…

Ман намегӯям, ту худ андеша кун,
Курсият бошад зарурат гар, биёр.

Аз ту хоҳиш, бар ту таъкидам ҳамин:
Ҳар чӣ мерӣ ту, бе довар биёр.

**КИСТ ОН?**

Кӣ харашро метавонад чун харам ҳангӣ кунад?
Ё сагашро метавонад чун сагам ҷангӣ кунад?

Метавонад кӣ барои лаҳзае завқиданаш,
Чун хурӯси ман хурӯси хешро бангӣ кунад?

Кист оне, хешро фарбеҳ созад ҳамчу ман,
Куртаи андозаи шастум ба ӯ тангӣ кунад?

Рӯ ба рӯи барзагови беҳтарини хоҷагӣ,

Ҳамчу ман андар тарозу кӣ ҳамсангӣ кунад?

Кист, бедарду ғаму хуррам намояд зиндагӣ
Гарчӣ то зинда-ст, беорию бенангӣ кунад?

**НАСИҲАТ**

Ҷонакам, хоҳӣ, ки бошӣ ҳамнишини хӯҷаин,
Ҳар нафас хоҳӣ шунидан офарини хӯҷаин,

Рӯзҳои истироҳат ту бирав бар ҳавлиаш,
Ғайрати мардона бинмо дар замини хӯҷаин.

Вақти бекорӣ бубинӣ хастаҳол афтодааст,
Тоза бинмо ту арақҳои ҷабини хӯҷаин.

Латтаҳои куҳнаро андар бағал ҷо дода гард,
Мешавад лозим, азизам, бар машини хӯҷаин.

Гар насиҳатҳои манро ҳалқаи гӯшат кунӣ,
Боз мегӯям, шавӣ ёри қарини хӯҷаин.

**ҚАРЗ**

Бо ҳамон мошини коҳе, ки равон кардӣ, раис,
Қалби манро баҳри меҳрат ошён кардӣ, раис.

Аз маоси барраву гову бузам кардӣ халос,
Завҷаамро баҳри ман ширинзабон кардӣ, раис.

Мурғи илҳомам ба парвоз омада аз кори ту,
Офарин бар ҳимматат, к-онро чунон кардӣ, раис.

Дар сифоти ту бигуфтам шеъраке, кам бошад он,
Қарздор аз худ маро як достон кардӣ, раис.

**БАЗМИ АФСОНАГАШТА**

Сардори мо омад ба рақс
Аз шӯри дил дар тӯи мо.
Садҳо хушомадгӯй буд
Бар даври ӯ дар кӯи мо.

Бар фарқи эшон ҳар яке
Он лаҳза пулчошон бишуд.
Бо он гаронию камӣ,

Он лаҳза пул арзон бишуд.

Чанде хушомадгӯй буд
Он лаҳза ҳамроҳи занаш.
Мекард оне ҳотамӣ,
Мешуд бурун оҳи занаш.

Рӯзе гузашт андар миён,
Он базми мо афсона шуд,
Зеро ду тан з-он ҳотамон
Аз хонааш бехона шуд.

## ЧУН КУНАМ?

Пеши садрам баста мегардад забонам, чун кунам?
Чун дари бикшода мемонад даҳонам, чун кунам?
Медиҳам чун ихтиёри хешро аз дасти хеш,
Бехабар чун дол мегардад миёнам, чун кунам?
Тоқату тоби нигоҳашро надорам заррае,
Аз нигоҳаш ларза меафтад ба ҷонам, чун кунам?
Ҳа, бигӯяд ӯ гаҳе, ман мепарам аз ҷои хеш,
Медамад табхола бар даври лабонам, чун кунам?
Чун равам дур аз бари ӯ, мешавам ҳамчун хурӯс,
Пеш оям, боз ҳамчун мокиёнам, чун кунам?

## ҲАСРАТ

Куҷо он ҷӯраи ҷонӣ, ки сӯи ман гузар созад?
Ба ҳолам раҳм бинмояд, маро з-ин ҷӯ бадар созад.

Агар натвонадам бар дӯши худ бардоштан, он гоҳ
Ду-сето ҷӯраҳои паҳлавонашро хабар созад.

Ки то ҳамроҳ бо онҳо маро то хонааш бурда,
Зи сар то по либоси пур зи лоямро дигар созад.

Зи ваҳми он, ки вақти хоби худ ногаҳ намирам ман,
Нишаста бар сари болини ман шабро саҳар созад.

Вале з-ин мастиву пастӣ нагӯяд бар занам ҳарфе,
Ки чандин рӯзу шаб он бевафо манро пакар созад.

Чи чора, ончунон расво шудам аз дасти майнӯшӣ,
Ки ҳар як ҷӯраи ҷонии ман аз ман ҳазар созад.

**МУРҒИ ИЛҲОМ**

Ба васфи дилбари якдонаи худ,
Навиштам шеъраке бо шавқи афзун.
Гумон кардам, ки хонам дар ҳузураш,
Бигардад рӯи ӯ аз шавқ гулгун.

Бихондам шеъраки худрову аммо,
Зи кори кардаам гаштам пушаймон,
Маҳи ман ҳамчу деги шавла ҷӯшид,
Ба шӯр омад, бигуфто: «Зоти шайтон!

Намебинӣ, куҷо нозукмиёнам?
Маро нозукмиёни ман бигуфтӣ.
Наям абрӯкамон, аммо чаро ту
Маро абрӯкамони ман бигуфтӣ?

Ҳама дандони ман дандони одӣ,
Садафдандони ман гуфтӣ чаро ту?
Ба зери коса бошад нимкоса,
Яқин донам, диҳӣ фанде маро ту!

Аёнам гашт, эй беаҳду паймон,
Шудастӣ ошиқи таннози дигар.
Ту шайдоию з-ин рӯ мурғи илҳом
Зи ишқи ӯст гирдат мезанад пар!»

Пас аз савганду зориҳои бисёр,
Агарчӣ ӯ маро бинмуд бовар,
Валекин мурғаки навболи илҳом
Рамиду пас наомад бори дигар.

**ТАРС**

Ҷаҳонда аз ду чашми ман шарора,

Ба сар захмам ниҳода бо тағора.
Ту, эй бераҳми ман, аз ман бирафтӣ,
Намуда кашталамро пора- пора.

Надида марҳаме захми сари ман,
Дадои ту расида бар дари ман.
Пас аз дашному бас мушту лагадҳо,
Бибурд аз хонаам гову хари ман.

Магар кам буд он ҷабру ҷафоят?
Равон кардӣ ту бар кӯям акоят.
Мани носудаю дармондаатро
Лагаткубӣ бикард ӯ бениҳоят.

Кунун бошад фузун з-он тарси банда,
Зани хурдӣ шавад ҳамчун ту ганда.
Таноби пургиреҳи умри манро
Дар оташ афканад ӯ канда-канда.

**ХОБИ АЛАМОВАР**

Бандаро дидам зи нав дар ҷои худ,
Соҳиби он мансаби волои худ.
Одамон дар хоб, андар фарқашон
Мениҳодам беҳаросе пои худ.
З-он яке сарро намебардоштӣ,
То ки бинмояд бурун овои худ.
Дасти худро бурда ман бар ҷайбашон,
Мефузудам тангаву тиллои худ.
Мерабудам бистару болинашон,
То диҳам бар акаву додои худ.
Зевару зар мерабудам аз занон,
Аз барои ду зани зебои худ.
Хоби ман афзуд аламҳои маро,
Оҳ, гуфтам, войи худ, сад вои худ.

**ХУДКАРДА**

Пеши зани бисёре
Аз шӯи худ сухан гуфт:
«Доро набошад охир,
Шӯе чу шӯи ман»- гуфт.

«Бар ман ягона шӯро
Шодам, Худо бидода.
Чанде чу ман Худо гуфт,
Танҳо маро бидода».

Таннозае ба худ гуфт:
«Ҷон садқаи чунон шӯ!
Бояд ба он бикӯшам,
То ки аз ман шавад ӯ».

Оқибат шӯи ӯро

Шӯи варо пайдо кард.
Бо макру ҳилла ӯро
Аз он зан ӯ ҷудо кард.

Миёни он ду зан шуд,
Моҷарову мӯканӣ.
Дар рӯи ҳам бо нохун
Карда басе ҷӯканӣ.

Бигуфто он танноза:
«Чаро ту мезанӣ дод?!
Худо гуфтам аз ту беш,
Худо акнун маро дод».

Аз кардааш пушаймон,
Он зан зи худ мало ласт.
Месӯзад ӯ ба ёди
Он шӯи дода аз даст.

**ХОҲИШ**
Куртаамро пора мебинӣ, маханд.
Захм дар рухсора мебинӣ, маханд.

Кашталам ҳар рӯз бар дасти зане,
Гар маро дар зора мебинӣ, маханд.

Хонаам ой баногоҳе, маро
Дар бари гаҳвора мебинӣ, маханд.

Ё зи баҳри рӯбучину пухтупаз
Ҳар гаҳам овора мебинӣ, маханд.

Гар ду зан гирӣ худат ҳам, хешро
Чун мани бечора мебинӣ, маханд.

**КАҶРАВӢ**
Чун ниҳодӣ пойро сардор каҷ,
Рафт бо ӯ ноиби айёр каҷ.

Тоқату сабре намондаш, по ниҳод
Аз паи шон молики анбор каҷ.

«Бас, сабуриҳо маро» гуфту бирафт,
Бо раҳи каҷ ходими навкор каҷ.

Ҷумла узви хоҷагиро шуд кунун
Кор каҷ, рафтор каҷ, гуфтор каҷ.

Пояи камиқтидори хоҷагӣ

Гашт охир ҳамчу он девор кач.

**ИЛОҶ**

Уко, агар зан гирӣ,
Хуб аст, ар чу ман гирӣ:
Яъне ту бешитобе
Нозанинеро ёбӣ,
Ё дадояш, ё акош,
Ё амакаш, ё тағош
Марди тавоно бошад,
Бошад, аз боло бошад!
Бар касе имо созад,
Бо по не, бо сар тозад.
Чун янгаат он духтар
Бошад агар беҳунар:
Шӯрбо пухта натвонад,
Угро пухта натвонад,
Дегу табақ нашӯяд,
Ҳарфи неке нагӯяд,
Аммо ту парво макун,
Беҳуда ғавғо макун.
Ҳарфи беҷое нагӯ,
Худат пазу худат шӯ.
Банда сӣ соли расо
Дар ҳамин ҳолам, уко.
Аммо парво надорам,
Парво асло надорам.
Зеро дар ин замон ман
Бо ёрии хеши зан
Курсинишин шудастам,
Армони дил шикастам.
Гар бо роҳи ман равӣ,
Уко, мисли ман шавӣ.

**НИШОНИ ХОКСОРӢ**

Дар идора биафшонд,
Борониашро Амон.
Идора шуд якбора
Моломоли гарди он.

Гар зумрае шуд ҳайрон,
З-ин амали ноҷояш.
Аммо басе завқиданд
Дигарҳо аз барояш.

Гуфто: «Чаро механдед?
Ягон ҷои ханда нест.
Чанги боронии ман
Нишони хоксорист».

**МЕРОС**

Дар вақти уздӣ Мушак
Бар дасти Мошон афтод.
Меларзиду меларзид,
Чун баргаки дами бод.

Менолиду мегуфт ӯ:
«Чӣ созам, ако-Мошон,
Дуздӣ ба мо мерос аст,
Аз падару бобоён!»

Мошон гуфто: «Беҳуда
Мекунӣ ту илтимос.
Аз бобоён бимонда
Мушхӯрӣ бар мо мерос».

**Ё ЧУНОН КУН, Ё ЧУНИН**

Э дадояш, ё ба ҷое кор кун,
Ё чу кадбону биё дар хона шин,
Ё чунон кун, ё чунин!

Ё умеди пул макун аз ман дигар,

Ё маошамро ту машмар тин ба тин,
 Ё чунон кун, ё чунин!

Ё макун ту ёди фарзандони хеш,
Ё марав дигар паи ҳар нозанин,
 Ё чунон кун, ё чунин!

Ё ту мӯи хешро кӯтаҳ намо,
Ё махон худро зи насли одамин,
 Ё чунон кун, ё чунин!

Ё умед аз меҳрубониам макун,
Ё бикун андешае ту баъд аз ин,
 Ё чунон кун, ё чунин!

**НАВБАТ**

Мансабат акнун аз они банда шуд,
Тори айшат, эй бародар, канда шуд.

Қадри ман афзуд байни ҷӯраҳо,
Қадри ту, баръакс, чени ҷанда шуд.

Он ки аз ту пуштибонӣ менамуд,
Пеши пуштибони ман шарманда шуд.

Он ки буд аз ҷону дил бар ту қарин,
Пеши банда ӯ зи ҳар чӣ ганда шуд.

Тоҷи савлатро ба сар бинҳодаам,
То ки он аз фарқи ту афканда шуд.

Эй, ки механдидӣ, месӯзи кунун,
Бандаро имрӯз вақти ханда шуд.

АНҶОМИ ВАЪДА

Ба ман расида айёми ваъда, 13
Баромадам зуд бар боми ваъда.

Ба гӯши мардум то ки тавонам
Расонам аз худ пайғоми ваъда.

Баҳо надорам дар ваъда додан,
Ҳастии ман ҳаст аз моми ваъда.

Шаҳде расонам аз фанду ҳила,
Ба коми мардум аз ҷоми ваъда.

Кунам чуноне, то кас надонад
Саҳар набошад дар шоми ваъда.

Ба банда ҷоҳе, ба мардум оҳе
Шавад бубояд анҷоми ваъда.

МАҲОРАТ
Бо сеҳру макру ҳилла
Чун банда кӣ занад гап?
Бо қалби пур зи кина
Бо ханда кӣ занад гап?
Касро ба чоҳи фандаш
Афканда, кӣ занад гап?
Тори паймон зи ёрон
Барканда, ки занад гап?
Бинмуда ҳар касеро
Шарманда, ки занад гап?
Ҳоло-ку набвад, ин сон
Оянда кӣ занад гап?

**МУКОФОТ**
Ҳар он кас, ки ба ман орад кунун як шиша виноро,
Бибӯсам, эй азизонам, зи фарқаш то кафи поро.

Ба даври ӯ зи шодӣ, эй басо бо шавқ мерақсам,
Ту гӯӣ карда пайдо ӯ бароям тухми анқоро.

Ба кунҷи хонаам дорам ягона қолини зебо,
Агар хоҳад, ба ӯ бахшам ҳамон ягона колоро.

Нагӯяд ӯ пушаймон мешавам аз кардаам рӯзе,
Дар ин раҳ додаам барбод ҷамъи молу ашёро.

Ба ҷону дил баробар ман бародар хонамаш умре,

Ҳар он кас, ки ризо созад мани бар бода шайдоро.

**ГУФТАМ, НАШУД**

Пеши банда қомати ӯ хам нашуд,
Гуфтамаш Ҳотам бишав, Ҳотам нашуд.

Бандаро кайфу сафо кардан насиб
Аз ҳисоби кисааш як дам нашуд.

Рӯзи марги холаам дидам варо,
Дидагонаш заррае ҳам нам нашуд.

Гарчи ман озурдадил будам, вале
Шодию хурсандиҳояш кам нашуд.

Боҳунар буду ҳаме дар пеши дар
Кафшҳояш мондаму гуфтам: Нашуд!

**ИЛТИҶО**

Куртаи кимхо ба бар кун, эй занак,
Шоли афғонӣ ба сар кун, эй занак.

Хоҳӣ, ороиши мӯи хешро
Ҳар замон аз нав дигар кун, эй занак.

Хоҳӣ, рав бар хонаи додои худ
Як-ду-се шабро саҳар кун, эй занак.

Гуфтам он чи мекун, аммо илтимос,
Як ба ҳоли ман назар кун, эй занак.

Се ҳазоре пора додам, баҳри он
Кам маро хуни ҷигар кун, эй занак.

## Р Е З А Ҳ О

**ГУМОНИ ДИГАР**
Ба дасташ ҳар сабоҳе ҷомадон аст,
Ту гӯӣ, бошад ӯ як марди олӣ.
Вале дар ҷомадонаш на китобе,
Барад ӯ шишаи нав карда холӣ.

АБЛАҲ
Аз он пурғам бувад қалбаш ҳамеша,
Ки андар сар варо як тори мӯ нест.
Валекин заррае парво надорад,
Ки ӯро байни мардум обрӯ нест.

ҲАЙФИ ЧАТР
Ба ҷуз таърифи чатри навхаридаш
Набуд андар забонаш ҳарфи дигар.
Чу таърифаш ба дилҳо зад, бигуфтанд,
Ки «сад ҳайфи чунин чатре ба ин сар!».

АЗ ХУД МОНДА

Ҳама ёдаш ба ёри дигарон шуд,
Вале аз ёри худ ӯ бехабар монд.
Ҳамон рӯзе ба худ омад, ки ёраш
Ба болини каси бегона сар монд.

НОЛИШУ БОЛИШ
Бинолад духтарак аз он, ки додош
Варо дода ба як марде, ки пир аст.
Валекин «қиблагоҳ» аз он биболад,
Ки шӯи духтараш собиқ вазир аст.

АЗ РӮИ ОДАТ
Зи баски аз ҷавонӣ карда одат
Ба айшу ишрату мошинсаворӣ.
Ҷудо аз шавҳараш гашту бигуфто:
«Чӣ созам бо ту ман, мошин надорӣ!».

АҲДИ ДИГАР
Ба вақти ошиқиҳояш намуда,
Ба ёри нозанин бисёр хубӣ.
Гаҳи ҳамхонагӣ аз ӯ ба ёраш
Ҳақорат мондаву бас шаттакубӣ.

КУРИ ХУД
Ҳамезад таънае бар ину бар он:
«Ки бошад кори ту кори занона».
Вале шарме накарда худ фурӯшад
Миёни раста шалвори занона.

НОЛИШ
Ҳаме гарданфарозӣ менамуд ӯ,
Ки ёри нозанинаш ҳаст туҷҷор.
Кунун бигрифта сад тумору таштоб,
Барои ҷонхалосӣ аз чунин ёр.

МОРИ АЙНАКДОР
Ба чашмаш монда мағрурона айнак,
Ҳамегӯяд: «Манам солор акнун».
Вале мории ӯ аз ӯ нарафта,
Бувад ӯ мори айнакдор акнун.

ДАРДИ САР
Зи дарди сар чу бинмояд шикоят,
Бигӯянд одамон: «Аҳсанти он сар!
Зи баҳри мансабе охир ниҳодӣ
Варо бар пеши пои чанд роҳбар».

АҶАБ АЙШЕ
Ҳамегӯяд: «Чу ман марде кӣ дида,
Ки бо занҳо намуда айши афзун?».

Аҷаб айше, ки рӯяш гашта шудгор,
Чу рӯи пуштаҳо аз захми нохун.

АМРИ МУҲОЛ
Хушомадгӯ шикамро карда боло,
Зи кори кардаи худ бас малол аст.
Ба пеши хӯҷаин хам гаштани ӯ
Кунун ҳар лаҳзае амри муҳол аст.

АҶАБ
Ба вақти навҷавонӣ буд бесар,
Ҳама аз дидани ӯ буд безор.
Кунун сардор гашту дар паси дар
Ҳама дар навбатанд аз баҳри дидор.

ШЕВАИ ДИГАР
Ҳамегӯяд, ки: «Соли ман вафодор».
Валекин аз вафо бегона бошад.
Чунон хандахариши одамон аст,
Ки ӯро шеваи ҳамдуна бошад.

ДУО
Зи берун бошад ӯ испеду зебо,
Валекин аз дарун бошад сияҳ он.
Шуданд озурдадил аз ӯ, бигуфтанд:
«Худоё, н-омад аз чӣ чаппагардон?!».

МАДҲИ НОҶО
Чунон васфу чунон мадҳаш намуданд,
Ки аз андозааш берун баромад.
Бирафтӣ он чунон дур аз ҳади худ,
Ки умре ӯ дигар бар худ наомад.

РӮЗИ ШОДӢ
Ҳама умраш ба мардум гандагӣ кард,
Нашармид аз Худо, шармандагӣ кард.
Ҳамон рӯзе бикард ӯ бас диле шод,
Расид умраш ба поён, бандагӣ кард.

ХУДПИСАНД
Каломи дигаронро кай писандад,
Саломи дигаронро кай писандад.
Яке вомондаи воломақом аст,
Мақоми дигаронро кай писандад.

ОҲ
Чунон аз қаъри дил берун намуд оҳ,
Ки гӯё бошад ӯ як марди дилреш.
Сабаб он буд, баъд аз сарвариаш
Кунун харче намуд аз кисаи хеш.

«УСТОД»
Ба як дидан бувад ӯ марди солор,
Ки садҳо кас варо гӯянд устод.
Аз ин устод аммо ҷуз ҳақорат
Намегирад касе ҳарфи дигар ёд.

БАХИЛ
Ба мавлуди яке ҳампешааш гуфт:
«Бихоҳам ман ба ту ризқи фаровон».
Бадар рафту зи Яздон илтиҷо кард:
«Хасеро ҳам насиби ӯ нагардон».

## Э Й З Ӯ Р И М А Н...

Ба тӯе ҳарду мерафтем арғушт,
Бигуфтам, дасту бозӯят маро кушт.
Куҷо донам, расад рӯзе аз ин даст
Ба ҷои ошу ҳалво мехӯрам мушт.

Ба ҷанги тан ба тан аз ман ту зӯрӣ,
Чӣ ҷои мову ман, аз ман ту зӯрӣ.

Зи баски кардаӣ машқи каратэ,
Ба ҳар навъи задан аз ман тузӯрӣ.

Садои пои ту ояд ба гӯшам,
Зи ҷо хезам, паи коре бикӯшам.
Агар ногаҳ ту бекорам бубинӣ,
Ба дасти гурбае монанди мушам.

Ду гӯшам канда шуд аз гӯштобат,
Харобам ҳамчу мӯе аз итобат.
Чу андар хоби ту осудаам ман,
Панохӣ медиҳам доруи хобат.

Зи рӯ резонда бас обу аракро,
Бишӯям косаю дегу табакро.
Вале аз ту итобе оядам боз:
«Надидам чун ту як шӯи шалакро!»

Набудӣ ҳамчу ман гавгардани зӯр,
Чу афтодам ба дастат, эй зани зӯр.
Чунонам кардаӣ, ки меравам раҳ
Ба мисли маркаби ланге мани зӯр.

Канӣ марде, ки чун ман шаттахӯрда,
Ба рӯю бар сару тан шаттахӯрда.
Агар бошад, яқин донам, ки набвад
Ба мисли банда аз зан шаттахӯрда.

Куҷо шуд он ҳама нози арӯсӣ,
Куҷо шуд аз лабу аз рӯйбӯсӣ.
Хурӯсе будаму ту мокиёнам,
Кунун ман мокиёну ту хурӯсӣ.

Калӯши пои ту андозаи даҳ,
Замин ларзад, ту гоҳе меравӣ раҳ.
Бигӯянд офаринам дӯстонам,
Ки бо ту зинда ҳастам, зинда, оваҳ!

Аё таннозаи аз ман дарозам,
Чӣ сон чун шӯ ба пеши ту бинозам?
Чунон аз хеш тарсонам намудӣ,
Имое гар кунӣ, бо сар битозам.

Шавам қурбон ба он чашмони мастат,
Ба он мӯи дарозу қадди пастат.
Вале аз зӯри бозӯи ту фарёд,
Ки бас муште бихӯрдам ман зи дастат.

Ту, эй гаҳ хубу гоҳе гандаи ман,
Гаҳе чун арраву гаҳ рандаи ман,
Бипӯшӣ нав ба нав, ойӣ ба ҷавлон,
Наояд шарми ту аз ҷандаи ман.

Ба рӯям захми нохуни ту шуд беш,
Бимондам ноилоҷ аз шарми худ риш.
Шудам аз ҳар чӣ бад андар нигоҳат,
Ки манро мекунӣ аз пеши худ пеш.

Ба вақти хашми худ ҳамчун палангӣ,
Ба вақти хӯрданат ҳамчун наҳангӣ.
Бигӯям, офаринам, офаринам,
Ки ҳастам зинда бо ин ҳолу ранге.

Бароят ҳалқаи тилло харидам,
Ва шолу куртаи кимхо харидам.
Вале рӯзам сияҳ кардӣ, ки бар худ
Фақат як шишаяк вино харидам.

Ба соқу ҳайбату дасту миёнам,
Яке аз беҳтарин марди замонам.
Вале сад ҳайфи ман гардида кӯтаҳ
Забонам, з-он, ки ман як занкалонам.

Кунун аз ҳар шиносу ношиносе
Ҳамепурсам зи ту роҳи халосӣ.
Ки то кай мекунам монанди гунҷишк
Ба дасти бошае ман ҷонпалосӣ.

Ду-се рӯзе маро «ҷонам» бигуфтӣ,
Ду-се рӯзи дигар пухтиву руфтӣ.
Чу омад боварат, к-аз ман ту зӯрӣ,
Фақат амру итобам карда, куфтӣ.

Чу боло рафт аз ҳад нархи собун,
Ҷафоҳои ту бар ман гашт афзун.
Шавад пайдо чу доғе дар либосам,
Ба рӯям мекашӣ ҷӯе ба нохун.

Ҳама қимат шуданҳо, эй зани зӯр,
Намуда тунду тезат чун қаламфур.
Мани бечораро бо ҳар баҳона
Ту неше мезанӣ монанди занбӯр.

Чу ман марде дар ин даври гаронӣ,
Агар дорад зани зӯру чавоне,
Яқин бошад, ки рӯзи ӯ сиёҳ аст,
Хӯрад заҳре ба ҷои обу ноне.

Ман аз имои ангуштат битарсам,
Ба ҷон аз зарбаи муштат битарсам.
На танҳо ман ба вақти қаҳру хашмат,

Ба вақти завқу арғуштат битарсам.

Агар як хешам ояд меҳмонӣ,
Маро бар хонаи хилват бихонӣ.
Ба пучопучи анбӯронаи хеш
Зи сар то пои ман доғе бимонӣ

Намедонам, кунун куҷо гурезам,
Ки то ман бо сару бо по гурезам.
Зи гӯшам мекашӣ, бар чаҳ дароям,
Зи поям мекашӣ, боло гурезам.

Туро, эй зури ман, асло набахшам,
Дар ин дунёю он дунё набахшам.
Намебахшад туро се шӯи пешин,
Гумон манмо, ки ман танҳо набахшам.

Ба хар ангушти ту ангуштарин аст,
Ба хар ангуштарини ту нигин аст.
Зи мушти аз чунин ангуштхоят,
Басе заҳмат ба сар, ҳам дар ҷабин аст.

Бидида ҳусни зебою қашангат,
Лаби андова бинмуда ба рангат.
Куҷо донам, ки ҳусни ту сароб аст,
Ба фанд афтодаам осон ба чангат.

Ту, зӯрам, кай писандӣ илму фанро,
Парастӣ симу зар, орои танро.
Чу ман дилдодаи илму фан астам,
Насозӣ ҳурмате з-ин рӯй манро.

Ҳамехоҳам, ки аз ту ман гурезам,
Маро то ҷон бувад бар тан, гурезам.
Аз ин қиматбигаштанҳо намудӣ,
Аё, эй зӯри ман, ту зангурезам.

Зи худ, зӯрам, гурезонам намудӣ
Чу хок аз худ парешонам намудӣ,
Қасам бар номи поки он худованд,
Зи хӯд умре пушаймонам намудӣ.

Гумон кардам, туӣ танҳо зани зӯр,
Манам бечора дар пеши ту чун мӯр.
Кунун донам, ки чун ту кам набудаст,
Зани бас тунду тезе чун қаламфур.

Гаҳе, ки меравам бо ту ба бозор,
Бубинам мисли ту занҳои бисёр.
Ба дасти ҳар яки он бастаи пул,
Чу ман бечора шавҳар дар таги бор.

## ДУБАЙТҲО

Чаро лолӣ, ба монади кулӯхӣ,
Намегӯӣ ба ман як ҳарфи шӯхӣ?
Пушаймонам, дилам сӯзад ба он пул,
Ки ман бо он харидам бар ту «духӣ».

Дадоят хучаин асту бикӯшӣ,
Насиби ман шавад пивофурӯшӣ.
Қасам бар кафки пивоям,供бародар,
Ту умре аз ҳисоби ман бинӯшӣ.

Маҳона чун гирифт аз ҷои кораш,
Ба бодаш дод онро бо нигораш.
Сипас омад ба назди модари пир,
Ки гирад пул аз баҳри сигораш.

Ба савдо баст бас меҳри зиёд ӯ,
Худашро пурра бар савдо бидод ӯ.
Аз он будӣ, ки номи бачаашро
Ба уммеди фузун Савдо ниҳод ӯ.

Бахилӣ чун ба қалбам кора кардаст,
Маро аз ҷамъи ёрон пора кардаст.
Надорам чорае, охир чӣ чора,
Азизон, он маро бечора кардаст.

Бароям давлати дунё раисам,
Бароям қимат аз тилло раисам.
Каси дигар ба чашмам кай намояд,
Дар он ҷое, ки ҳаст он ҷо раисам.

Раиси ман агар доно намебуд,
Ба доноӣ агар якто намебуд,
Дар ин давру замони пур зи ошуб,
Аз ӯ асло ду зан ризо намебуд.

Раисе, ки хушомадгӯ надорад,
Ва ё котибаи маҳрӯ надорад,
Чӣ ҷои ифтихор аз ин раисӣ,
Ки дар зоҳир гул асту бӯ надорад.

Раис ҳамхона шуд бо холаи ман,
Буд ин армони чандинсолаи ман.
Кунун фарбеҳ шавад аз еми ферма,
Ҳама гову бузу бузғолаи ман.

Яке ҳамчун раис ғамхори халқ аст,
Ба дӯши ӯ ҳамеша бори халқ аст.
Вале ман он раисам, ки бидонам,
Ғами худро бихӯрдан кори халқ аст.

Яке мирад, ба дарди хеш мирад,
В-агар доро ва ё дарвеш мирад.
Яке монда таги бори хушомад,
Ба ҷои дигар аз худ пеш мирад.

Расонда рӯз бар бегаҳ ба ғайбат,
Намояд умри худ кӯтаҳ ба ғайбат.
Худояш мезанад як рӯз, зеро
Худоро мезанад ӯ наҳ ба ғайбат.

Ба фарзандаш ӯ дарси фанд омӯхт,
Нигоҳашро ба ин роҳи хато дӯхт.
Чу фарзандаш дар ин фан гашт моҳир,
Ба нори фанди худ кӯи варо сӯхт.

**РЕЗУ ЧОШ**
Аз дарди санги гурда
Рангаш агарчи зард аст,
Аз санги кинаи ӯ
Сад дил ба оҳу дард аст.
***
Шефи моро дар тӯяш
Мекарданд аз лаб бӯса.
Марде гуфт: « Оё бошад
Шаҳде дар мансаббӯса?!»
***
Маъшуқаи ҷавонаш
Вақте ӯро танҳо монд,
Бо он ҳама дунёаш
Дилаш аз ин дунё монд.
***
Аз пули буққасавдо
Чун буққае бишуд маст.
Дар роҳе буққагӣ кард,
Ду буққаро дод аз даст.
***
-Шишаҳои мошинро
Чаро сияҳ месозӣ?
-Хоҳам дигар начӯям
Ҷои маъшуқабозӣ.
***
Бар як зане имо кард,
Дар роҳе бо ангушташ.
Кам не, аз шӯи он зан
Даҳ шатта хӯрд аз пушташ
***
Мегуфтӣ, эй бародар,
Қадри одам коҳидаст.
Мегуфтамат не, ако,
Ҳоло ҳам қадри ӯ ҳаст.

Ана, бин, ду ронанда
Аз барои як одам
Занозанӣ мекунанд,
Бе ҳеҷ ҳаёе бо ҳам.
***

Сар то ба по гуноҳ аст,
З-ин рӯ, зи мо гурезад.
Ҳайрон ба он бимонда,
Аз худ куҷо гурезад?!
***
Мекард ӯ танорой,
Мекард ӯ занорой.
Ҳоло даъво намояд:

Кардам меҳанорой.
***
Олуда шуд танаш гар,
Ӯ мекунад таҳорат.
Монад вале забонаш
Олудаи ҳақорат.
***
Ӯ пайрави падар шуд,
Бенангу беҳунар шуд.
Бар моми кӯчарӯбаш
Дарди сари дигар шуд.
***
Гӯяд ӯ: «Баччаҷонам
Чолоку бас ҷасур аст».
Аз кори ӯ нагӯяд,
Ки кисабури зӯр аст.
***
Маро мардум бигӯяд,
Туро парво зи худ нест.
Чунин мебуд, вазнам
Намешуд яксаду бист.
***
Чӣ мешавад оянда?-
Гӯям ҷавоби худро:
Ҳар фарди гоҷу ганда
Хонад китоби худро.
***
Чун аз ҳар як имтиҳон
Ду мешавад баҳояш.
Мекунад ӯ шикоят
Аз сустии тағояш.
***

На дар сару либосаш,
На дар меҳру ихлосаш,
На дар ҳарфу саломаш,
Алайку пурсупосаш,
Нишони ошноист…
Танҳо кадуи носаш.
***
Вуҷуди ӯ пур аз гап,
Ба пушти гап ниҳон аст.
Худаш бувад ҳеҷу лек
Гапаш аз ҳад калон аст.
***
Гардан ёзонда ҳар ҷо,
Мегуфт: «Ман хурӯсам!
Қоил шавед ба банда,
Ду нозанин арӯсам».

Дар кӯча ду арӯсаш
Рӯзе шуд дар шапошап.
Пушти девораш «хурӯс»

Чун мокиён бизад лап.
***
-Чи сон оям ба мактаб,
Вақте ки калла холист?!
-Не,не, бояд биёӣ,
Маълумоти ту олист.
Бошад моро мақоле,
Медонӣ, эй бародар:
«Аз ҳар оғили холӣ
Гови зананда беҳтар».
***
Панаҳ меҷӯяд
Аз шарри шайтон.
Аммо набошад
Барояш имкон,
Чи гуна аз худ
Панаҳ ёбад он?
***
Шуд аз пули падар маст,
Дасти падарро бишкаст.
***

Аз ҳад фузуд лофаш,
Берун ҷаҳид нофаш.
***
«Ман»-аш ларзонад замин,
Занаш ба ӯ хӯҷаин.
***

Маъшуқаи мудпараст
Кашид аз ошиқаш даст,
Сабаб он ки мошинаш
Аз модели куҳна аст.
* * *
Ҳар он чи, эй бародар, кардам эҷод,
Бубояд аз нигоҳи ман баҳо дод.
Маҷӯ дар он ягон саҳву хатое,
Наорам бар сари ту то балое.
Бикун андеша аз чоҳу мақомам,
Бихон ту пухта ҳар абёти хомам.

* * *
Устоди фанни панд аст.
Панди ӯ ҳама фанд аст.
* * *

Медонед оё ӯро
Аз чӣ гарданфарозист?
Сари эшон сабук аст,
Ин нишони бемағзист.

* * *

Бибӣ баҳри набера
Фита савғо меорад.
Оча баҳри духтараш
Диски кино меорад.

Касе наорад китоб
Ба фарзанди худ савғо.
Баромада, мегӯянд,
Китоб аз муда кайҳо.

* * *

Сарвар буду садҳо кас
Мебӯсид аз лабонаш.
Афтоду гӯянд: «Оваҳ,
Беҳад бадбӯ даҳонаш ! »

* * *

Бо он ки бесавод аст,
Дар фанни фанд устод аст.

* * *

Қадаҳ бигрифтаву бо ҳам бигуфтанд:
Набинем, эй азизон, доғи ғамро
Вале баъд аз ду-се шиша, шикастанд
Ба мушту шатта онҳо ҷоғи ҳамро.

* * *

Бо « ҷип»-и нав ба ҷар рафт
Кайфулло шаб баъд аз кайф.
Баъд аз дафнаш бигуфтанд:
«Ҳайфо, «ҷип»-и нав шуд ҳайф!»

* * *

То ки нашуд ӯ маъюб,
Нагардид ӯ одами хуб.

* * *

Танҳо ӯ аз баҳри фанд,
Намуд аз худ як-ду панд.

* * *

Гарчи худро маймун кард,
Аммо ӯ хеле ғун кард.

* * *

Боло рафту нашуд сер,
Поён омад сарозер.

* * *

Мошин дорад зиёда,
Лек аз хирад пиёда.

* * *

Аз кас фузун ба носаш
Бошад меҳру ихлосаш.
* * *
Ба рӯи кас механдад,
Бо хандааш мефандад.
* * *
Аз наҳси якрӯза кайф,
Якумра ӯ бишуд ҳайф.
* * *
Зан, ки дарди гулӯ шуд,
Осуда гӯши шӯ шуд.
***
Занаш надорад калӯш,
Зани дигар дар оғӯш.
***
Азбаски худ пургап аст,
Бо камгапон ӯ чап аст.
***
Мастии ӯ дуруғ аст,
Ҳастии ӯ дурӯғ аст.
Аммо магӯ ту ҳаргиз
Пастии ӯ дурӯғ аст.
***
Маъшуқааш ранҷида,
Аз «БАР» берун кард ӯро.
Занаш аз ин шуд огаҳ,
Аз дар берун кард ӯро.
***
Дар ҳар гузар мағоза,
Дар лаби ҷар мағоза.
Дар пеши дар мағоза,
Оғили хар мағоза.

Шавад якто мағоза,
Ба ҳар сари аҳолӣ.
Андар китоби «ГИННЕС»
Ҷо ёбад ин хушҳолӣ.
***

Дар даҳ соли сардорӣ,
Фақат шикамро дамонд.
Вақте афтод аз мансаб,
Дар балои шикам монд.
***

Ғарқи гунаҳ буд,
Ғарқи гунаҳ монд.
Мӯяш шуд испед,
Худ рӯсияҳ монд.
***
Ҳоло ки аз ҳад афзуд
Дорухонаҳои шаҳр,
Андар пушти онҳо монд
Порухонаҳои шаҳр.
***
Зад дар роҳе чашмакӣ
Бар як зани ношинос,
Ӯ бо чашми кафида
Аз шӯи зан шуд халос.
***
Андар пушти сардораш
Бо ҳаёҳу занад гап.
Чун мокиёне аммо
Дар пеши ӯ занад лап.
***

Монд аз ҳама кор, он гаҳ
Одам шудан биомӯхт.
Аз ин дигар чӣ суд аст?
Сад хонаву дарро сӯхт.
***
Худро мехонад
Фарзанди деҳқон.
Ҳамто надорад
Дар фанди деҳқон.
***

Дар болои ҷевонаш
Ду-се рафи китоб аст.
Дар поёни ҷевонаш
Чандин навъи шароб аст.

***
Оилааш вайрон шуд
Баъд ӯ «Оила»-хон шуд.
***
Машъуқааш ба ӯ гуфт:
Оё ту метавонӣ.
Рангу борам бихарӣ
Моҳе ба сад сомонӣ?

Ошиқ ба ӯ гуфто: Не,
Гарон аст ин ниҳоят.
Нафақаи модарам
Намекунад кифоят.
***

Мекунад порахоре
Шикоят аз дарди хеш.
Мардум гӯянд: «Ҳаққи мост
Мезанад аз дарун неш»
***
Дандон надорад акнун,
То ӯ газад забонаш.
Забони тунду тезаш
Ҳар дам орад зиёнаш.
***
Аз ӯ ҳамчун аз каждум
Ҳамепарҳезад мардум.
***
На адиби нуқтадон,
Адиби нуқтагир аст.
Хоҳад равад оне пеш,
Дар пои ӯ занҷир аст.
***
«Ман»- мегуфту мелофид,
«Зан» - мегуфту мелофид.
«Ман»-аш қадрашро коҳонд,
«Зан»-аш аз хонааш ронд.
***
-Саропои хоҷагӣ,
Эҳ, ин қадар хароб аст?!
-Ишками ғафси раис
Оё ғайри ҳисоб аст?
***

Зан:
-Мегуфтӣ, э дадояш,
«Ҳуқуқи мо баробар».
Чаро гаштӣ ҳамхона,
Бо як таннози дигар?!
Мард:
-Доро набудам он вақт,
Акнун доро шудам ман.
Баробар шуд ҳуқуқам,
Бо ҳуқуқи ду - то зан.
***
Гоҷе буду бо ҳила
Ӯ соҳиби унвон шуд.
Н-афзуд аз ин қадри ӯ,
Ҳайфи унвон - арзон шуд!
***
Натарсем аз мушти ӯ,
Битарсем аз пушти ӯ.
***
Кард аз ҳисоби мардум
Худро чунон таранге,
Халтаи тан барояш
Мекунад акнун тангӣ.

Ояд «оҳ»-у «уҳ»-и ӯ
Бо як хунук оҳанге.
Гӯё ки монда пиле
Андар зери харсанге.
***
Лағжиданду афтоданд
Болобардорони ӯ.
Омад чунон сарозер,
Дар ӯ намонд обрӯ.
***
Мансабу сағалхоияш
Чун бар ёдаш меояд,
Бо афсӯсу надомат
Бечора лаб мехояд.
***

Ҳаққи раиси моро
Ҳар кӣ моҳе наорад,
Бо чор чашмаш ӯро
Чашми дидан надорад.

***
Тану тӯшаш бадҳайбат,
Ҳунараш танҳо ғайбат.
***
Нафсаш бинмуда ғафсаш,
Бар гунаҳ карда ҷафсаш.
***
Бо ноз ӯро мафтун кард,
Ҳай соз ӯро маймун кард.
***
Аз пушти зан калон шуд,
Аз мушти зан хазон шуд.
***
Аз мансабаш поин шуд,
Хабаркашу хоин шуд.
***
Нешат занад чун каждум,
Гӯяд, ӯ: «Шӯхӣ кардум».
***
Шуд баҳои «панҷ»-у «чор»
Моли арзони бозор.
***
Маҳбубаи «маҳбуб»-аш
Мезанад бо ҷорубаш.
***
Аз киссаҳо ситонад,
Дар кассаҳо бимонад.
***
Даҳҳо гектар заминро
Ӯ намуда обу лой.

Акнун гӯяд ба мардум:
«Касро замин кунад бой».
***
Магӯ, ҷуз такаббурӣ
Надорад дигар оҳанг.
Таккагӣ ҳам дорад ӯ,
Чун такка мекунад ҷанг.

***
Гоҳе кунад шикоят
Аз мастии пулдорон.
Гоҳе кунад шукрона
Аз ҳастии пулдорон.
***
Замини мо само шуд,
Магӯ чунин чаро шуд?
Магар хабар надорӣ?
Пур аз «ситора»-ҳо шуд.
***
Оваҳ, ин хонаро бин,
Кохе бувад пешаш паст!
Соҳиби ин даҳ сол боз
Хӯҷаини танзим аст.
***
Дар айёми наврасӣ
Мекард ӯ кисабурӣ.
Акнун ки ӯ раис аст,
Мекунад ҳиссабурӣ.
***
Овози ӯ наорад
Завқе ба сомеонаш.
Хайлеро завқе орад
Ними тани урёнаш.
***
Бинмуда ӯро сармаст
Бо шароби мадҳи хеш.
Бар чаҳи шармандагӣ
Бинмудандаш яке пеш.
***
Шуд бо айби забонаш
Маҳрум аз даҳ дандонаш.
***
Мисли ӯ бар хушомад
Касе надорад ихлос,
Зеро ки аз додояш
Ҳаминро дорад мерос.
***

-Имсол, ако, соли туст,
Аммо гӯлу гарангӣ.

Дар ту набинам, охир,
Ман шеваи палангӣ.

-Оре, имсол соли ман,
Яъне, соли паланг аст.
Аммо соли янгетон,
Ҷони ако, наҳанг аст.
***
Ӯ дар забонаш фақат
Ҳалиму меҳрубон аст.
Шав эҳтиёт, море
Дар пушти ин забон аст.
***

Ҳама дарди вуҷудаш
Аз иллати пурхорист.
В-аз иллати сатангӣ
Ӯро дарди нодорист.

Аз дарди тан на аз худ,
Аз Сино гила дорад.
Аз худ не дар нодорӣ
Аз Худо гила дорад.
***
Панаҳ мебурд аз мардум
Умре дар пушти сардор.
Ҷӯяд панаҳ дар мардум
Акнун зи мушти сардор.
***
Хапу хомӯш аст, аммо
Бунёдаш пур аз кина.
Шав эҳтиёт, ӯ гоҳе
Метаркад ҳамчу мина.

***
Дар вақти андак карданд
Манро зи мансабам пеш.
Котибаро, хайрият,
Карда будам зани хеш.

***
Бар ҳунари ту ҳаргиз
Ӯро набошад коре.
Майлаш бошад ба киса,
Ҳамчун море ба ғоре.

***
- Бародар, ин ҷавонро
Чӣ бозӯи тарангест!
- Сад афсӯси ин бозӯ,
К-андар тани сатангест.

***
Дандонҳоям аз тилло,
Занчира ҳам тиллоист.
Аммо ягон касеро
Ба ман тавачҷуҳе нест.

Магар ки қадри тилло
Гардида ин қадар паст?!
- Не, не, бародар, ин ҷо
Пастии ту сабаб аст.
***
Бекаллааш мегуфтанд,
Дар каллааш мекуфтанд.
Бо ҷоруби маломат
Ҳамчун хасаш меруфтанд

Ҳоло соҳиби ҷоҳ аст,
Як марди качкулоҳ аст.
Каллакӯбони ӯро
То фалак дуди оҳ аст.
***
Бо ҳарфи тунду тезаш
Сафҳаҳоро кунад пур.
Дар дасти ӯ ту гӯӣ
Қалам шавад қаламфур.
***
-Чаро ҳамекунад ӯ
Фақат бо худ гуфтугӯ?
-Бо дигарон ӯ қаҳрист,
Танҳо ба худ қаҳрӣ нест.

**РЕЗУ ЧОШ**
Аз дарди санги гурда
Рангаш агарчи зард аст,
Аз санги кинаи ӯ
Сад дил ба оҳу дард аст.
***
Шефи моро дар тӯяш
Мекарданд аз лаб бӯса.
Марде гуфт: « Оё бошад
Шаҳде дар мансаббӯса?!»
***
Маъшуқаи ҷавонаш
Вақте ӯро танҳо монд,
Бо он ҳама дунёаш
Дилаш аз ин дунё монд.
***
Аз пули буққасавдо

Чун буққае бишуд маст.
Дар роҳе буққагӣ кард,
Ду буққаро дод аз даст.
***
-Шишаҳои мошинро
Чаро сияҳ месозӣ?
-Хоҳам дигар начӯям
Ҷои маъшуқабозӣ.
***
Бар як зане имо кард,
Дар роҳе бо ангушташ.
Кам не, аз шӯи он зан
Даҳ шатта хӯрд аз пушташ
***
Мегуфтӣ, эй бародар,
Қадри одам коҳидаст.
Мегуфтамат не, ако,
Ҳоло ҳам қадри ӯ ҳаст.

Ана, бин, ду ронанда
Аз барои як одам
Занозанӣ мекунанд,
Бе ҳеҷ ҳаёе бо ҳам.
***

Сар то ба по гуноҳ аст,
З-ин рӯ, зи мо гурезад.
Ҳайрон ба он бимонда,
Аз худ куҷо гурезад?!
***
Мекард ӯ танорой,
Мекард ӯ занорой.
Ҳоло даъво намояд:
Кардам меҳанорой.
***
Олуда шуд танаш гар,
Ӯ мекунад таҳорат.
Монад вале забонаш
Олудаи ҳақорат.
***
Ӯ пайрави падар шуд,
Бенангу беҳунар шуд.
Бар моми кӯчарӯбаш
Дарди сари дигар шуд.
***
Гӯяд ӯ: «Баччаҷонам
Чолоку бас чусур аст».
Аз кори ӯ нагӯяд,
Ки кисабури зӯр аст.
***
Маро мардум бигӯяд,

Туро парво зи худ нест.
Чунин мебуд, вазнам
Намешуд яксаду бист.
***
Чӣ мешавад оянда?-
Гӯям ҷавоби худро:
Ҳар фарди гоҷу ганда
Хонад китоби худро.
***
Чун аз ҳар як имтиҳон
Ду мешавад баҳояш.
Мекунад ӯ шикоят
Аз сустии тағояш.
***

На дар сару либосаш,
На дар меҳру ихлосаш,
На дар ҳарфу саломаш,
Алайку пурсупосаш,
Нишони ошноист…
Танҳо кадуи носаш.
***
Вуҷуди ӯ пур аз гап,
Ба пушти гап ниҳон аст.
Худаш бувад ҳеҷу лек
Гапаш аз ҳад калон аст.
***
Гардан ёзонда ҳар ҷо,
Мегуфт: «Ман хурӯсам!
Қоил шавед ба банда,
Ду нозанин арӯсам».

Дар кӯча ду арӯсаш
Рӯзе шуд дар шапошап.
Пушти devораш «хурӯс»
Чун мокиён бизад лап.
***
-Чи сон оям ба мактаб,
Вақте ки калла холист?!
-Не,не, бояд биёӣ,
Маълумоти ту олист.
Бошад моро мақоле,
Медонӣ, эй бародар:
«Аз ҳар оғили холӣ
Гови зананда беҳтар».
***
Панаҳ меҷӯяд
Аз шарри шайтон.
Аммо набошад
Барояш имкон,
Чи гуна аз худ
Панаҳ ёбад он?
***

Шуд аз пули падар маст,
Дасти падарро бишкаст.
***

Аз ҳад фузуд лофаш,
Берун ҷаҳид нофаш.
***
«Ман»-аш ларзонад замин,
Занаш ба ӯ хӯҷаин.
***

Маъшуқаи мудпараст
Кашид аз ошиқаш даст,
Сабаб он ки мошинаш
Аз модели куҳна аст.
* * *
Ҳар он чи, эй бародар, кардам эҷод,
Бубояд аз нигоҳи ман баҳо дод.
Маҷӯ дар он ягон саҳву хатое,
Наорам бар сари ту то балое.
Бикун андеша аз чоҳу мақомам,
Бихон ту пухта ҳар абёти хомам.

* * *
Устоди фанни панд аст.
Панди ӯ ҳама фанд аст.
* * *

Медонед оё ӯро
Аз чӣ гарданфарозист?
Сари эшон сабук аст,
Ин нишони бемағзист.

* * *
Бибӣ баҳри набера
Фита савғо меорад.
Оча баҳри духтараш
Диски кино меорад.

Касе наорад китоб
Ба фарзанди худ савғо.
Баромада, мегӯянд,
Китоб аз муда кайҳо.

* * *

Сарвар буду садҳо кас

Мебӯсид аз лабонаш.
Афтоду гӯянд: «Оваҳ,
Беҳад бадбӯ даҳонаш ! »

* * *
Бо он ки бесавод аст,
Дар фанни фанд устод аст.

* * *

Қадаҳ бигрифтаву бо ҳам бигуфтанд:
Набинем, эй азизон, доғи ғамро
Вале баъд аз ду-се шиша, шикастанд
Ба мушту шатта онҳо ҷоғи ҳамро.

* * *
Бо « чип»-и нав ба ҷар рафт
Кайфулло шаб баъд аз кайф.
Баъд аз дафнаш бигуфтанд:
«Ҳайфо, «чип»-и нав шуд ҳайф!»

* * *
То ки нашуд ӯ маъюб,
Нагардид ӯ одами хуб.

* * *
Танҳо ӯ аз бахри фанд,
Намуд аз худ як-ду панд.

* * *
Гарчи худро маймун кард,
Аммо ӯ хеле ғун кард.
* * *
Боло рафту нашуд сер,
Поён омад сарозер.
* * *
Мошин дорад зиёда,
Лек аз хирад пиёда.
* * *

Аз кас фузун ба носаш
Бошад меҳру ихлосаш.
* * *
Ба рӯи кас механдад,
Бо хандааш мефандад.
* * *
Аз наҳси якрӯза кайф,
Якумра ӯ бишуд ҳайф.
* * *
Зан, ки дарди гулӯ шуд,
Осуда гӯши шӯ шуд.
***

Занаш надорад калӯш,
Зани дигар дар оғӯш.
***
Азбаски худ пургап аст,
Бо камгапон ӯ чап аст.
***
Мастии ӯ дуруғ аст,
Ҳастии ӯ дурӯғ аст.
Аммо магӯ ту ҳаргиз
Пастии ӯ дурӯғ аст.
***
Маъшуқааш ранҷида,
Аз «БАР» берун кард ӯро.
Занаш аз ин шуд огаҳ,
Аз дар берун кард ӯро.
***
Дар ҳар гузар мағоза,
Дар лаби ҷар мағоза.
Дар пеши дар мағоза,
Оғили хар мағоза.

Шавад якто мағоза,
Ба ҳар сари аҳолӣ.
Андар китоби «ГИННЕС»
Ҷо ёбад ин хушҳолӣ.
***

Дар даҳ соли сардорӣ,
Фақат шикамро дамонд.
Вақте афтод аз мансаб,
Дар балои шикам монд.
***
Ғарқи гунаҳ буд,
Ғарқи гунаҳ монд.
Мӯяш шуд испед,
Худ рӯсияҳ монд.
***
Ҳоло ки аз ҳад афзуд
Дорухонаҳои шаҳр,
Андар пушти онҳо монд
Порухонаҳои шаҳр.
***
Зад дар роҳе чашмакӣ
Бар як зани ношинос,
Ӯ бо чашми кафида
Аз шӯи зан шуд халос.
***
Андар пушти сардораш
Бо ҳаёҳу занад гап.
Чун мокиёне аммо

Дар пеши ӯ занад лап.
***

Монд аз ҳама кор, он гаҳ
Одам шудан биомӯхт.
Аз ин дигар чӣ суд аст?
Сад хонаву дарро сӯхт.
***
Худро мехонад
Фарзанди деҳқон.
Ҳамто надорад
Дар фанди деҳқон.
***

Дар болои ҷевонаш
Ду-се рафи китоб аст.
Дар поёни ҷевонаш
Чандин навъи шароб аст.

***
Оилааш вайрон шуд
Баъд ӯ «Оила»-хон шуд.
***
Машъуқааш ба ӯ гуфт:
Оё ту метавонӣ.
Рангу борам бихарӣ
Моҳе ба сад сомонӣ?

Ошиқ ба ӯ гуфто: Не,
Гарон аст ин ниҳоят.
Нафақаи модарам
Намекунад кифоят.
***
Мекунад порахоре
Шикоят аз дарди хеш.
Мардум гӯянд: «Ҳаққи мост
Мезанад аз дарун неш»
***
Дандон надорад акнун,
То ӯ газад забонаш.
Забони тунду тезаш
Ҳар дам орад зиёнаш.
***
Аз ӯ ҳамчун аз каждум
Ҳамепарҳезад мардум.
***
На адиби нуқтадон,
Адиби нуқтагир аст.
Хоҳад равад оне пеш,
Дар пои ӯ занҷир аст.
***

«Ман»- мегуфту мелофид,
«Зан» - мегуфту мелофид.
«Ман»-аш қадрашро коҳонд,
«Зан»-аш аз хонааш ронд.
***
-Саропои хоҷагӣ,
Эҳ, ин қадар хароб аст?!
-Ишками ғафси раис
Оё ғайри ҳисоб аст?
***

Зан:
-Мегуфтӣ, э дадояш,
«Ҳуқуқи мо баробар».
Чаро гаштӣ ҳамхона,
Бо як таннози дигар?!
Мард:
-Доро набудам он вақт,
Акнун доро шудам ман.
Баробар шуд ҳуқуқам,
Бо ҳуқуқи ду - то зан.
***
Гоҷе буду бо ҳила
Ӯ соҳиби унвон шуд.
Н-афзуд аз ин қадри ӯ,
Ҳайфи унвон - арзон шуд!
***
Натарсем аз мушти ӯ,
Битарсем аз пушти ӯ.
***
Кард аз ҳисоби мардум
Худро чунон таранге,
Халтаи тан барояш
Мекунад акнун тангӣ.

Ояд «оҳ»-у «уҳ»-и ӯ
Бо як хунук оҳанге.
Гӯё ки монда пиле
Андар зери харсанге.
***
Лағжиданду афтоданд
Болобардорони ӯ.
Омад чунон сарозер,
Дар ӯ намонд обрӯ.
***
Мансабу сағалхоияш
Чун бар ёдаш меояд,
Бо афсӯсу надомат
Бечора лаб мехояд.
***

Ҳаққи раиси моро
Ҳар кӣ моҳе наорад,
Бо чор чашмаш ӯро
Чашми дидан надорад.

***

Тану тӯшаш бадҳайбат,
Ҳунараш танҳо ғайбат.

***

Нафсаш бинмуда ғафсаш,
Бар гунаҳ карда чафсаш.

***

Бо ноз ӯро мафтун кард,
Ҳай соз ӯро маймун кард.

***

Аз пушти зан калон шуд,
Аз мушти зан хазон шуд.

***

Аз мансабаш поин шуд,
Хабаркашу хоин шуд.

***

Нешат занад чун каждум,
Гӯяд, ӯ: «Шӯхӣ кардум».

***

Шуд баҳои «панҷ»-у «чор»
Моли арзони бозор.

***

Маҳбубаи «маҳбуб»-аш
Мезанад бо ҷорубаш.

***

Аз киссаҳо ситонад,
Дар кассаҳо бимонад.

***

Даҳҳо гектар заминро
Ӯ намуда обу лой.
Акнун гӯяд ба мардум:
«Касро замин кунад бой».

***

Магӯ, ҷуз такаббурӣ
Надорад дигар оҳанг.
Таккагӣ ҳам дорад ӯ,
Чун такка мекунад ҷанг.

***

Гоҳе кунад шикоят
Аз мастии пулдорон.
Гоҳе кунад шукрона
Аз ҳастии пулдорон.

***

Замини мо само шуд,
Магӯ чунин чаро шуд?

Магар хабар надорӣ?
Пур аз «ситора»-ҳо шуд.
***
Оваҳ, ин хонаро бин,
Кохе бувад пешаш паст!
Соҳиби ин даҳ сол боз
Хӯҷаини танзим аст.
***
Дар айёми наврасӣ
Мекард ӯ кисабурӣ.
Акнун ки ӯ раис аст,
Мекунад ҳиссабурӣ.
***
Овози ӯ наорад
Завқе ба сомеонаш.
Хайлеро завқе орад
Ними тани урёнаш.
***
Бинмуда ӯро сармаст
Бо шароби мадҳи хеш.
Бар чаҳи шармандагӣ
Бинмудандаш яке пеш.
***
Шуд бо айби забонаш
Маҳрум аз даҳ дандонаш.
***

Мисли ӯ бар хушомад
Касе надорад ихлос,
Зеро ки аз додояш
Ҳаминро дорад мерос.
***
-Имсол, ако, соли туст,
Аммо гӯлу гарангӣ.
Дар ту набинам, охир,
Ман шеваи палангӣ.

-Оре, имсол соли ман,
Яъне, соли паланг аст.
Аммо соли янгетон,
Ҷони ако, наҳанг аст.
***
Ӯ дар забонаш фақат
Ҳалиму меҳрубон аст.
Шав эҳтиёт, море
Дар пушти ин забон аст.
***

Ҳама дарди вуҷудаш
Аз иллати пурхорист.
В-аз иллати сатангӣ
Ӯро дарди нодорист.

Аз дарди тан на аз худ,
Аз Сино гила дорад.
Аз худ не дар нодорӣ

Аз Худо гила дорад.
***
Панаҳ мебурд аз мардум
Умре дар пушти сардор.
Ҷӯяд панаҳ дар мардум
Акнун зи мушти сардор.
***
Хапу хомӯш аст, аммо
Бунёдаш пур аз кина.
Шав эҳтиёт, ӯ гоҳе
Метаркад ҳамчу мина.

***
Дар вақти андак карданд
Манро зи мансабам пеш.
Котибаро, хайрият,
Карда будам зани хеш.

***
Бар ҳунари ту ҳаргиз
Ӯро набошад коре.
Майлаш бошад ба киса,
Ҳамчун море ба ғоре.

***
- Бародар, ин ҷавонро
Чӣ бозӯи тарангест!
- Сад афсӯси ин бозӯ,
К-андар тани сатангест.

***
Дандонҳоям аз тилло,
Занчира ҳам тиллоист.
Аммо ягон касеро
Ба ман таваҷҷуҳе нест.

Магар ки қадри тилло
Гардида ин қадар паст?!
- Не, не, бародар, ин ҷо
Пастии ту сабаб аст.
***

Бекаллааш мегуфтанд,
Дар каллааш мекуфтанд.
Бо ҷоруби маломат
Ҳамчун хасаш меруфтанд

Ҳоло соҳиби ҷоҳ аст,
Як марди каҷкулоҳ аст.
Каллакӯбони ӯро
То фалак дуди оҳ аст.
***
Бо ҳарфи тунду тезаш
Сафҳаҳоро кунад пур.
Дар дасти ӯ ту гӯӣ
Қалам шавад қаламфур.

***

-Чаро ҳамекунад ӯ
Фақат бо худ гуфтугӯ?
-Бо дигарон ӯ қаҳрист,
Танҳо ба худ қаҳрӣ нест.

## МУХАММАСҲО

### ДИЛСИЁҲ
**(Бар ғазали устод Турсунзода)**

Шеваи гулхор дорад дилсиёҳ,
Кинаю озор дорад дилсиёҳ,
Ростро инкор дорад дилсиёҳ,
«Даъвии бисёр дорад дилсиёҳ,
Шикваи такрор дорад дилсиёҳ».

Сархамида гаҳ бувад чун гови пал,
Гӯиё аз ӯ намеояд халал,
Гаҳ чу носеҳон ҳамегӯяд масал,
«Аз забонаш гарчи мерезад асал,
Зераш аммо мор дорад дилсиёҳ».

Вонамояд гоҳ худро боадаб,
Ханда бошад гоҳу гаҳ ӯро ба лаб,
Дорад аммо дар ниҳодаш тобу таб,
«Ҳам ба бедорию ҳам дар хоби шаб
Қасди бад бисёр дорад дилсиёҳ».

Мешуморад хешро некӯамал,
Мушкилеро мекунад гӯё, ки ҳал,
Кай кунад бар кори некӯе ҷадал,
«Дар талоши шӯҳрате зери бағал
Теғи ҷавҳардор дорад дилсиёҳ».

Бошад аз аҳду вафо бисёр дур,
Кай ба ҷуз худ бо касе гардида ҷӯр,
Шӯрапушт асту барангезанда шӯр,
«Дар паси сар ғайбат, аммо дар ҳузур
Шаккарин гуфтор дорад дилсиёҳ».

Сарваронро мешавад ҳар ҷо харак,
Бошад ӯ бар кафши эшон чун патак,
Мезанад худро ба болою ба так,
«Сахт рӯяшро кашида пӯстак,
На шараф, на ор дорад, дилсиёҳ».

Як китоб ӯро ба рӯи миз нест,
Хотироти нек ӯро низ нест,
Заррае андешааш ҳаргиз нест,
«Аз барои ӯ муқаддас чиз нест,
Хонасӯз афкор дорад дилсиёҳ».

Беҳаёю бехирад, берӯ бувад,
Беҳад ӯ бадбину ҳам бадхӯ бувад,
Кай нигоҳаш бар касе некӯ бувад,
«Фатҳи кас гӯё шикасти ӯ бувад,
Бухлу кин хирвор дорад дилсиёҳ».

Ҳамчунон наштар бувад ӯро қалам,
Мезанад бар туҳмати мардум рақам,
Дорад аз авроқи туҳмат ӯ ғарам,
«Гар далели нав наёбад, аз алам.
Рӯ суи девор дорад дилсиёҳ».

Ҳар қадам хоҳад, ки аз пое кашад,
Бегуноҳеро ба ғавғое кашад,
Реҷаи нохубу ноҷое кашад,
«Охири кораш ба расвоӣ кашад,
Бахти ноҳинҷор дорад дилсиёҳ».

**БА ШОИРИ ХАЛТУРАЧӢ**

(Бар ғазали Пайрав Сулаймонӣ)

Вақте ту биёбӣ ҷои «махсус»,
Боло бикунӣ садои «махсус»,

Худро бидиҳӣ баҳои «махсус»,
«Эй шоири шеърҳои «махсус»,
То кай бофӣ «ҳавои махсус»?

Худро насито миёни мардум,
Донад ҳама фарқи ҷав зи гандум,
Шеъри ту зи маънӣ ҳаст маҳрум,
«Не қофия, вазн, на сару дум,
Охир чи бувад балои «махсус».

Чун ҷӯраи язнаи ту ҳастем,
Хоҳиш намуд ӯ нашикастем,
Шеъри ту гирифтаву нишастем,
«Ҳарчанд ба тору чанг бастем,
Ҳосил нашуд он навои «махсус».

То язнаи нашири ту, эй ҷон,
Аз мо нашавад малол чандон,
Бори дигар аз барои эшон
«Ё шеър навис, ё биё хон-
Он шеър ту бо ҳавои «махсус».

Дорӣ ту агар ду-се китобе,
З-он фахри ту ҳаст беҳисобе,
Аммо бикунам ба ту хитобе:
«Хоҳӣ, ки зи шеър баҳра ёбӣ,
Ё халқ барад сафои «махсус».

Гардон зи ғурури хештан рӯ,
Аз роҳи ҳавас бурун биё ту,
Худро ту мазан дигар ба ҳар кӯ,
«Аз Лоҳутию саноати ӯ
Ибрат гиру ғизои «махсус».

**ҶӮРАГӢ**
(Бар ғазали Мирзо Маҳмуд)
Ҳар куҷо дидам барори ҷӯрагӣ,
Бандаҳоро ҷоннисори ҷӯрагӣ,
Бар забон омад шиори ҷӯрагӣ:
«Авҷ дорам дар баҳори ҷӯрагӣ,
Аз насими файзбори ҷӯрагӣ».

Мартаба якбора манро шуд баланд,
Шӯҳратам то бар Сурайё шуд баланд?
Обрӯям бе муҳобо шуд баланд,
«Қоматам шамшодосо шуд баланд,
Дар ҳавои беғубори ҷӯрагӣ».

Киштаам беранҷ бар ҳосил расид,
Киштиам аз мавҷ то соҳил расид,
Завқи беандозае бар дил расид,
«Бори каҷҷам рост бар манзил расид,
З-илтифоту эътибори ҷӯрагӣ».

Ту хабар дорӣ, надонам, ё ки на,
Нестам з-он аҳмадони порина,
Бар каф омад орзуи дерина:
«Шуд насиби ман идора, мошина,
Бо шиори обдори ҷӯрагӣ».

Ёфтам аз ҷӯрабозӣ баҳраҳо,
З-ин сабаб дар ҳар қадам, дар ҳар куҷо
Дасти худ боло кунам баҳри дуо:
«Ҷӯраам бошад саломат, ҷӯраҳо,
Мекунам иҷро қарори ҷӯрагӣ».

**ЧӢ ЗИЁДУ КӢ ЗИЁД?**
**(Б**ар ғазали Ашӯр Сафар**)**
Даври моро фарди танпарвар зиёд,
Боҳунар кам асту беҷавҳар зиёд,
Неъматофар ҳеҷу савдогар зиёд,
«Ин қадар имрӯз мансабхар зиёд,
Гап дар ин боб аз сари минбар зиёд».

Ростӣ, имрӯз ҳайронем мо,
Хоҳ доно, хоҳ нодонем мо,
Дар талоши ҷоҳу унвонем мо,
«Мансаберо дон агар хонем мо,
Гирди як дон аз дусад кафтар зиёд».

Бори худро монда ҳар фарде зи дӯш,
Кай ба ҳарфи оқиле ӯ дода гӯш,
Меравад бо роҳи ғайре бо хурӯш,
«Кор дар вазъи хамӯшу гап ба ҷӯш,
Гапфурӯш аз мӯйҳои сар зиёд».

Нозирон ҳам аз паи мансаб шуданд,
Носирон ҳам аз паи мансаб шуданд,
Ноширон ҳам аз паи мансаб шуданд,
«Шоирон ҳам аз паи мансаб шуданд,
Шеърҳои хоб дар дафтар зиёд».

Рӯ ба рӯ ой ту бо пире агар,
Ҳамнишин гардӣ варо ё ҳамсафар,
Мекунад беихтиёр ӯ шиква сар:
«Пештарҳо коркун буд бештар,
Бошад акнун ҳар куҷо раҳбар зиёд».

Шукри он дорӣ, ҳамоқат кам шуда,
Не, азизи ман, рафоқат кам шуда,
Одамонро сабру тоқат кам шуда,
«Хайрхоҳиву садоқат кам шуда,
Пеш ояд кори нанговар зиёд».
**1991**

## ДАР ЗЕРИ НИҚОБ
**(Бар ғазали Лоиқ)**

Фиребанда гурӯҳе чун саробанд,
Гурӯҳе боиси ранҷу азобанд,
Гурӯҳе гаҳ итобу гаҳ хитобанд,
«Гурӯҳе на саволу на ҷавобанд,
Гурӯҳе на вуболу на савобанд».

Гурӯҳе нотавонбинанду мискин,
Набошад ҳарфашонро вазну тамкин,
Набуда ҳеҷ гаҳ шоёни таҳсин.
«Ба лофе даркушо ҳастанд , лекин
Калиди хонаи худро наёбанд».

Гурӯҳе ҳамчунон тифлони навзод,
Зи фанди дигарон гардида дилшод,
Зи шодӣ хештанро бурда аз ёд,
«Ба сурат ҷумла озоданду обод,
Ба ботин бингарӣ, валлаҳ, харобанд».

Гурӯҳе ончунон аз худ ҷудоянд,
Бикуши ҳар қадар, бар худ наоянд,
Ба дасти дигарон дар мекушоянд,
«Ҳино баста ба пою вонамоянд
Ки гӯӣ беш аз мо дар шитобанд».

Гурухе гӯӣ сар то пой панданд,
Ба сурат покбозу арҷманданд,
Накӯ бинӣ, ҳама макранду фанданд,
«Занон яксар ниқоб аз рӯ фикананд,
Чӣ номардон, ки дар зери ниқобанд»

**АЙЁМИ ГАП**

(Бар ғазали Пайгир)

Рафт боло иззату икроми гап,
Ҷумла сармасту хароб аз ҷоми гап,
Мекунанд онҳо нидо ҳангоми гап:
«Ҳаббазо, хуш омада ҳангоми гап,
Зинда бодо дар ду олам номи гап!»

Бо ҳама беиззатон ҳамдаст буд,
Аз шароби бехудиҳо маст буд,
Дар дилозорӣ басе пуршаст буд,
«Он, ки аз пастии фитрат паст буд,
Ҳай фароғат мекунад дар боми гап».

Сад дареғ аз Шамсу аз Синои мо,
Сад дареғ аз мардуми донои мо,
Сад дареғи давлату дунёи мо,
«Сад дареғ аз суннати волои мо,
Ҳофизи гап мондаву Хайёми гап».

Бо дили озурда ҳар ҷо оқилон,
Мебаранд ангушти ҳайрат бар даҳон,
Ҳайрати эшон бувад имрӯз аз он
«Ҳар кучое сифла буду қалтабон,
Мерасад ҳар лаҳзааш инъоми гап».

Гар яке аз ишқу савдо пухтааст,
В-он яке дар кори саҳро пухтааст,
Дигаре аз панди доно пухтааст,
«Ҳамчу тарбуз фасли ҷавзо пухтааст,
Раҳкушову раҳнамои хоми гап».

Он, ки якрангӣ надорад ҳамчу яшм,
Рӯю лаб ӯро ниҳон дар зери пашм,
Гоҳ бо нармиву гоҳ аз рӯи хашм,
«Пеши минбар субҳи гап бикшода чашм,
Боз дар минбар бихуспад шоми гап».

То набошад бар сарам шӯру мағал,
Ман наорам бар забон ҳарфи дағал,
Чун набитвонам нагӯям бехалал,
«Буз накӯбад гарчи хирман дар масал,
Хирмане аз бод дорад моми гап».

Пургаперо гӯй афсӯсаш, мапурс,
Ҳаргиз аз фарҳангу қомусаш мапурс,
Ё зи Фирдавсию аз Тӯсаш мапурс,
«Ҳеҷ гаҳ аз нангу номусаш мапурс,

Ӯ фиканда ҷумларо дар доми гап».

Навбате кай мерасад бар оқилон,
То кунанд андешаи худро баён,
Омадаст акнун аҷаб давру замон,
«Сарбадорон бесаранду ин ҷаҳон
Пур шуда аз Рустаму аз Соми гап».

Ҳар гаҳе озурда мебинӣ маро,
Ту машав ҳайрони ман, эй ошно,
Ман малул астам зи даври нораво,
«Интизорам рӯзи анҷоми варо,
Мерасад рӯзе магар анҷоми гап?!»
**1992**

**ГӮШИ СИХ**
(Бар ғазали Раҳмат Назрӣ)
Ба ҷунбишҳои коҳе мекунад гӯш,
Бурун созӣ ту оҳе, мекунад гӯш,
Дар об афтад, ба моҳӣ мекунад гӯш,
«Ба мардум бо сипоҳӣ мекунад гӯш,
Ба коҳеву ба роҳе мекунад гӯш».

Ҳамешинад ба ҳар ҷо ҳамчу бетоб,
Агарчи набвадаш аз рӯи одоб,
Бипӯшида ду чашмаш ҳамчу дар хоб,
«Гирифта дар даҳони хештан об,
Ба гап, хоҳӣ-нахоҳӣ, мекунад гӯш».

Садое гар зи дуриҳо барояд,

Сараввал он ба гӯши ӯ дарояд,
Валекин ҳайрати кас з-он физояд,
«Гаҳе кар хешро вomенамояд,
Ду гӯшаш сих гоҳе мекунад гӯш».

Садо ояд зи тӯи хонае гар,
Намонда тоқаташ як зарра дигар,
Тавонад, медавад бо пою бо сар,
«Даҳонашро кушода аз паси дар,
Савобеву гуноҳе мекунад гӯш».

Ду пири нотавон гар роз гӯянд,
Ду тифли навзабон гар роз гӯянд,
Ду ҳамдарди замон гар роз гӯянд,
«Ба ҷое ошиқон гар роз гӯянд,
Баҷоӣ бо нигоҳе мекунад гӯш».

Сафедиҳо дамида гарчи дар мӯ,
Нагардонад вале з-ин одаташ рӯ,
Чунон бигрифта маҳкамтар ба он хӯ,
«Ба хурроки баланди хеш ҳам ӯ
Шаби хобаш паноҳӣ мекунад гӯш».

**БА ҚАДРИ ЗАН РАСЕД**

(Бар ғазали Мирзо Файзалӣ)
Дасти нарми зан туро вақте ба гардан мешавад,
Дар ҳаловат ҷони ту он лаҳза бар тан мешавад,
Хору хас андар нигоҳат ҳамчу гулшан мешавад
«Дидаи мард аз нигоҳи зан чу равшан мешавад,
Умр кӯтаҳ мардро аз зуқ-зуқи зан мешавад».

Кори ту бо зан мабодо ки бигардад бебарор,
Мекунад ӯ рӯзи равшанро бароят шоми тор,
Илтиҷову зораҳои ту намеояд ба кор,
«То даҳони зан бубандӣ, сурмаву тилло биёр,
Пеши дарёро ба хоку санг бастан мешавад ».

То туро бо зан набошад дар миёна ихтилоф,
Меҳрубониҳо ба занро дод бояд инкишоф,
Зан агар ханҷар шавад, бояд ки шуд бар ӯ ғилоф,
«Ҳеҷ гоҳе дар хузури зан мазан лофу газоф,
Ҷанги байни шавҳару зан аз лақидан мешавад».

Таънаҳо то ки туро дар дил наояд ҳамчу тир,

Ту магӯ дар пеши зан асло ки, ман гардида пир,
Дасту дил аз ту бишӯяд, мешавад корат ҷазир,
«Пир ҳастӣ ё ҷавон, аз домани ҷонона гир ,
Мақсадат ҳосил ба гап не, бо қапидан мешавад».

То даҳони зан пур аз шаҳде зи номи ту шавад,
То зи гармиҳои меҳраш пухта хоми ту шавад,
То лабонаш бар лабонат ҳамчу ҷоми ту шавад,
«То зи боғи зиндагӣ шарбат ба коми ту шавад,
Меваааш бар даст овар, пас макидан мешавад » .

Аз пайи ҳар лошае ҳар сӯ марав чун каргасе,
Ту каси худро нигаҳ умре бидор аз нокасӣ,
Домани худро тиҳӣ бинмо зи ҳар хору хасе,
«Мард бошӣ, ҷаҳд кун, то ки ба қадри зан расӣ,
Қуллаи уммед ҳам фатҳ аз расидан мешавад».

**МУДБОЗӢ**

( Б ар ғазали Мирзо Файзалӣ)

Чун маҳалбозӣ бари мо мӯд шуд,
Байни мрдум шӯру ғавғо мӯд шуд,
Бехудиву бесариҳо мӯд шуд,
«Ин чӣ гап? Дандони тилло мӯд шуд,
Куртаи аз зону боло мӯд шуд».

Гар забони мо шуда воломақом,
Бас касоне кай кунандаш эҳтиром ,
Набвад андар ҳарфашон рабту низом,
«Ҷои он ки боадаб гӯяд «Салом»,
Ё ки «Ҳело», ё ки «Чао» мӯд шуд».

Кай дигар мис аз тило фарқе кунад,
Кай калону хурди мо фарқе кунад,
Бачча бо риш аз дадо фарқе кунад,
«Шакли марду зан куҷо фарқе кунад,
Баҳри мардон зулф ноҷо мӯд шуд».

Навҷавонон боданӯшӣ мекунанд,
Базмҳои дилхурӯше мекунанд,
Сарварони мо хамӯшӣ мекунанд,
«Мардҳо чарчинфурӯшӣ мекунанд,
Чун ба занҳо кори саҳро мӯд шуд».

Рафт чун нарху наво то осмон,
Зиндагӣ бар дӯши мо бори гарон,
З-он гаронӣ лоғарему нотавон,
«Гар камар бандӣ ба зангирӣ, бидон:
Баҳри келин сад сарупо мӯд шуд».

Баҳри мо гар он ҳама дард асту дард,
Боз имрӯз омада як дарди сард,
Рӯ ба рӯ меояд онро ҷумла мард:
«Модаре тифле агар тавлид кард,
Дояро шампону вино мӯд шуд».

Як шабе ором устодам нахуфт,
Гарди навмедӣ зи қалби хеш руфт,
Дурри маъниро ба ҳаҷву ҳазл суфт,
«Ди рафиқе зери лаб хандида гуфт:
Ин сари каммӯ ба Мирзо мӯд шуд».

**НИГОҲИ БО ЁР ГУМГАШТА**
( Бар ғазали Мирзо Файзалӣ)
Туро мушти хатоям бар сар омад,
Гарон мушти хатоям аз зар омад,
Бирафтӣ, кардамат гарчи хушомад,

«Нигоҳам аз паят аз дар баромад,
Парешонам, чаро вопас наомад?»

Ҳама он зораҳоям бар ту бас буд,
Чӣ ҳоҷат бар нигоҳи ман зи пас буд,
Маро садҳо гумоне ин нафас буд,
«Кӣ медонад, нигоҳам булҳавас буд,
Зи пушти духтаре кино даромад?».

Нигоҳи ман магар, ки гашт хаста,
Ва ё таннозае роҳаш бубаста,
Ва ё ки қаҳри ту онро шикаста,
«Наход ин ки ба таксие нишаста,
Ба шаҳри дигаре рафту фаромад».

Чаро кардам, чаро, охир, чунонаш?!
Ба дида, кош, мемондам ниҳонаш,
Азобе шуд хатоҳоям ба ҷонаш,
«Дигар ҷое намекардам равонаш,
Агар аз нав ба чашмам медаромад».

**ҚИЁС**
( Бар ғазали Мирзо Файзалӣ)
Кист оне, к-ӯ зи ман пурдонтар аст?
Шеъри ӯ аз шеъри ман шоёнтар аст?
Кашфи ман аз байти зер осонтар аст,
«Нофи мо аз риши мо поёнтар аст,
Чашми мо аз гӯши мо рахшонтар аст».

Зӯр бошад зарбаю захми таёқ,
Бошад аммо зӯртар аз он ярок,
Аз ярок аҳволамон гашта чатоқ:
«Каллаҳо болои гарданҳои қоқ,
Э, зи барги бед ҳам ларзонтар аст».

Ҳар дарахте лучу мо луч нестем,
Гар касе гӯяд: «Куҷо луч нестем?»,

Гӯямаш: «Ҳарфат хато, луч нестем!»
«Сарлучем арчанд, получ нестем,
Охир, аз тоқӣ калӯш арзонтар аст».

Калларо бояд ба болин монда хуфт,
Хонаро бо шоха не, ҷорӯб руфт,
Дурри маъниро чу байти зер суфт:
«Фасли сармо шоире лағжиду гуфт:
Дар раҳи ҳамвор ях лағжонтар аст».

Он якеро ҳаст эзори сафед,
В-он дигарро ҳаст дастори сафед,
Бошад афзунтар парастори сафед,
«Кош, мегуфтем ашъори сафед,
К-аз ғазал бозори он чаққонтар аст».

**ҶАВОБИЯ**

( Бар ғазали Мирзо Файзалӣ)

Шеъри моро, эй ки ту бишмурдаӣ хому хатал,
Бошад ин аз хомии ту, бо ту чӣ ҷои мағал,
То куҷо мо пухтаем, аз мо шунав як-ду матал:
«Чун туро чатрест, аз борон намеёбӣ халал,
Нест ҳоҷат тоқиат пинҳон кунӣ зери бағал».

Мурғи нар бошад хурӯсу модаи он мокиён,
Чӯҷа хоҳӣ, тухм андар зери мурғи мода мон,
Беҳтар аз ин маслиҳат дорем, он бошад чунон:
«Дар лаби дарё нишинӣ, нӯш кун оби равон,
З-он ки таъми оби дарё беҳтар аст аз оби пал».

То тавонӣ, эй бародар, бо даҳони пур зи нос,
Бӯса манмо ҳеҷ гоҳе аз лабу рӯи шинос,
Ё ба кӯе рӯзи борон меравӣ беилтимос,
«Пеш аз оне по гузорӣ рӯи қолину палос,
Мӯзаатро тоза кун дар пушти дар аз лойу чал».

Мерасӣ гар ту ба қадру қимати дандони худ,
Бигзар аз баҳри сағал, бахшой бар меҳмони худ,
Заррае раҳме туро бошад ба ҷисму ҷони худ,
«Чун нишинӣ ҳар пагоҳӣ назди дастархони худ,
Мӯрчро ҳаргиз махӯр якҷоя бо нону асал».

Чун туӣ лоғар, вале андозаи шимат калон,
То наафтад аз тани ту дар миёни одамон,

Ҳамчу афсар тасма мебояд туро андар миён,
«Маслиҳат бисёр буду лек метарсам аз он,
То нагӯӣ баъди хондан майнаи моро касал».

**ОШИҚИ ПОДАРҲАВО**

( Бар ғазали Мирзо Файзалӣ)
Ними шаб, эй дилрабоям,
Ёдам омад ваъдаҳоям,
Дар бағал карда виноям,
«Пеши ту гуфтам биёям,
Қаҳри бад барбаст поям».

Гарчи ман як зӯри шаҳрам,
Балки як машҳури даҳрам,
Гар ба тундӣ ҳамчу заҳрам,
«Ман вале аз тарси қаҳрам
Шаб начунбидам зи ҷоям».

То нагӯӣ носазоям,
То насозӣ бад дуоям,
Шоҳидам бошад Худоям,
«Хостам бо таксӣ оям,
Буд холӣ кисаҳоям».

То ба кай ман тунду тезам?
То ба кай бар худ ситезам?
Обрӯро то нарезам,
«Як шаб аз қаҳрам гурезам,
Бо сарам пеши ту оям».

Бе ту кай бошад ривоҷам?
Бе ту беравған сироҷам,
Бар ту бошад эҳтиёҷам,
«Лек ҳоло ноилоҷам,
Ошиқи подарҳавоям».

**ТАРОНАИ ОШИҚИ ОШПАЗ**
( Бар ғазали Мирзо Файзалӣ)
Эй қадат чун устуни дӯкони ман,
Абрувонат дуди оташдони ман,
Лаб ба мисли мантуи қасқони ман,
«Мӯи ту чун тупаи лағмони ман,
Рӯи ту самбӯсаи тафсони ман».

Эй туӣ чун маскаам нозукбадан,
Нози ту ширинтар аз кампоти ман,
Чун ба нозу ишва бикшоӣ даҳан,
«З-он даҳан бошад мулоим ҳар сухан,
Чун хамири тозаи карсони ман».

Эй ба ман ширинтар аз шаҳду шакар,
Чаккасавдо чун ту ойи ҳар саҳар,
Ҷонакам, манмо маро сарфи назар,
«Бар танӯри қалби ман боре нигар,
Худ бубин ҳоли дили бирёни ман».

То насӯзам ҳамчунон сиху кабоб,
То нагардам ман ба мисли дунба об,
То чу мантуям набошам ман хароб,
«Дилбаро, дигар макун нозу итоб,
Мисли деги шавлаи чӯшони ман».

Оши айши мо бигардад то ки беҳ,
Занчабили қаҳри худ як сӯй неҳ,
Баркушо аз чини абрӯвон гиреҳ,
«Бӯсае ҳамчу газак бар ман бидеҳ,
То шавад марҳам ба ҷисму ҷони ман».

**ИЛТИЧО**
( Бар ғазали Мирзо Файзалӣ)
Илтиҷо дорам, гулӯи тифли шавқамро маҷаф,
Ҳамчу пуфак эй, зи неши қаҳри худ охир макаф,

Ончуноне хоҳамат, ки барзагав хоҳад алаф,
«Куҳна шуд бардоштан, ҷонам, агар бар рӯи каф,
Ман туро чун ғӯзапоя мегузорам рӯи хаф».

Ҳамчу ман дар айшу ишрат кас надорад ихтисос,
Мехӯрам савганд, азизам, бо даҳони пур зи нос,
Оварам байти бузурге аз бароят иқтибос:
«Хонаро зебанда анҷом асту одамро либос,
Баҳри ман ҳастӣ мисоли косаи болои раф».

Мехӯрам бо ёди ту дар ҷогаҳам бас печутоб,
Аз занам ояд хитобе: «Лаҳзае осуда хоб!»
Бо ҳама ин беқарорӣ, бо ҳама қаҳру итоб,
«Баски ту чун равғанию ин камина ҳамчу об,
Доимо аз ҳам ҷудо-ту як тараф, ман як тараф».

Ту макун парво аз он, к-ин бандаро бошад ду зан,
Тори бо харҷи фузун барбастаи айшам макан,
Ончунон бар ман зарурӣ, ҳамчу бар мурда кафан,
«Ту марой сабзаву гул, дилбари сарсабзи ман,
Рӯ магардону марав, ман бе ту меёбам талаф».

## ҲАСРАТИ СИГОРӢ

( Бар ғазали Мирзо Файзалӣ)

Камонабрӯ бирафт аз ман, ки ман қадди камон дорам,
Бирафт аз ман хурӯсиам, ки ҳоли мокиён дорам,
Ту мехоҳӣ агар донӣ, чаро ҳоле чунон дорам,
«Саҳар аз хоб мехезам, сигоре дар даҳон дорам,
Ба ҷои машқ дудашро ба шуши худ равон дорам».

Чунон дил додаам бар он- ба Лайло дода дил Маҷнун,
Ҷудо натвонадам созад касе бо сеҳру бо афсун,
Дареғо, гашт қалби ман зи дуди талху тезаш хун,
«Гаҳи сулфа ду чашм аз косахона мешавад берун,
Аҷаб бошад, кунун ҳам бо чунин аҳвол ҷон дорам».

Зи дудаш бошадам занге ҳаме андар лабу дандон,
Зи бӯяш кардаам бадбӯ саропо хешро чандон,
Вале ин дарди бохайре, азобе бошадам аз он,
«Фишори хун гаҳе боло занад хезу гаҳе поён,
Ба ҳифзи ҷони худ як мушт ҳаб зери забон дорам».

Ба «оҳ»-у «ӯҳ»-у бо сулфа ба рӯз оварда шабҳоро,
Зи по афтам, бимонам андаке чобук агар поро,

Ба он ки ман набинам ҳоли беҳу айши дунёро,
«Кашам ҳар рӯз се қутти «сигори навъи аъло»-ро,
Ҳамеша қуттие з-ин заҳр дар ҷайбам ниҳон дорам».

Ба мисли ҷандаи афсурдаву беқадру арзонам,
Мани худкарда бо худ ҳар даме дастугуребонам,
Аз ин дилбастагӣ бар он пушаймонам, пушаймонам,
«Ба айёми ҷавонӣ сурати арвохро монам,
Сари қоқу тани лоғар, рухи барги хазон дорам».

**ИФТИХОР**

( Бар ғазали Мирзо Файзалӣ)

Номи дадем-Теша, онем- Шура, гуфта,
Мисли шумо амалдор, яъне духӯра, гуфта,
Бар фарқи кинахоҳон бошем дурра, гуфта,
«Мансаб гирифт гоҷе ҳай «УРРА», «УРРА» гуфта,
Мансабдиҳандагонро арбобу тӯра гуфта».

То ҷоҳу мансабашро гардонад ӯ хусусӣ,
Шарме накард ҳаргиз ҳатто зи пойбӯсӣ,
Монанди мокиёнҳо дар пешаки хурӯсе,
«Сад бор пеши сардор ӯ кард чоплусӣ,
Ту аспи қурразебӣ, ин банда курра гуфта».

Қадре намонда ӯро чун хори рӯи девор,
Зеро намонда нангаш, гардида сахт бемор,
Парҳез аз ӯ намуда ёру рафиқу ағёр,
«Дар пои ҳар амалдор афканда хешро зор,
«Шатранҷи зиндагиро эшон фигура» гуфта».

Осема ҳар пагоҳӣ як луқмае нахӯрда,
Дастони завҷаашро оҳистаяк фишурда,
То вақти кор рафтан бечора мурда-мурда,
«Барбоси хуҷаинро бар сайри кӯча бурда,
Мекард фахри беҳад «мо ҳар ду ҷӯра» гуфта».

Доим варо бубинӣ дар пеши каҷкулоҳе,
Бечора чун гадое афтода пеши шоҳе,
Бар ҳоли зораш ояд аз сина дуди оҳе,
«Пас аз чунин табоҳӣ, гочию рӯсиёҳӣ,
Нозад миёни мардум «ман марди пурра» гуфта».

МАНФУР
( Бар ғазали Гурез Сафар)
Ҳамчу худ оё ту море дидаӣ?!
Ё бадардоранда хоре дидаӣ?!
Дар ҷафо овозадоре дидаӣ?!
«Ғайри озорат ту коре дидаӣ?!
Ҳоли ҷони хору зоре дидаӣ?!»

Бодахоронро ҳамегӯӣ сано,
Нобакоронро ҳамегӯӣ сано,
Пайсадоронро ҳамегӯӣ сано
«Ҷипсаворонро ҳамегӯӣ сано,
Заҳмати як харсаворе дидаӣ?!»

Кас надида чун туе манфури давр,
Аз ту афзуда сафи ранҷури давр,
Ҳам азо гардида тӯйу сури давр,
«Эй ки ҳастӣ фосиқи машҳури давр,
Гармии ёру каноре дидаӣ?!»

Дил туро бошад чу рӯи зангиён,
Тунду бадқаҳрӣ ту ҳамчун ҷангиён,
Кай бидонӣ қимати фарҳангиён,
«Ҳеҷ будӣ ҳамнишини бандиён,
Ваҳдати эшон ту боре дидаӣ?!»

Як чи мегӯям, машав аммо ту тез,
Ҳамчу бабре ту зи ҷои худ махез,
Бо ҳақорат обрӯямро марез,
«Лаҳзае бо дӯстон мисли Гурез
Шишаву ҷому хуморе дидай?!»

**САРБОРӢ**

**( Бар ғазалӣ Равшани Ҳамроҳ)**

Чашмони гушнаи ӯ бар равзани дигарҳо,
Бинмуда хушкаломӣ пеши зани дигарҳо.
Сайру сафо кунад ӯ дар гулшани дигарҳо,
«Худро дифо намояд бо ҷавшани дигарҳо,
Пояд хурӯси худро бо арзани дигарҳо».

Коре намекунад ӯ баҳри савоби мардум,
Ёбад ҳисоби худро ӯ аз ҳисоби мардум,
Бинмуда нуши ҷонаш нуқлу шароби мардум,
«Дони худ орд карда дар осиёби мардум,
Талқони худ бикӯбад бо ҳовани дигарҳо ».

Гоҳе агарчи худро зӯри замон шумурда,
Бо ину он ситезад, дандони худ фишурда,
Ҳайфо, ки буданашро гоҳе зи ёд бурда,
«Домони худ нагирад ин тифли солхӯрда,
Дудаста гирад аммо аз домани дигарҳо».

Н-орад бурун ду пои дар гил нишастаашро,
Бардоштан нахоҳад ӯ бори бастаашро,
Пайванд ӯ насозад тори гусастаашро,
«Бар гарданаш набандад дасти шикастаашро,
Дасти шикастаи ӯ бар гардани дигарҳо».

МУНДАРИҶА

Ҳалолам бод унвон
Агар мансаб набуд
Шери падар
Овоза
Зарбае ба як бешараф
Макр
Умед
Шармандагӣ
Балои ҷон

Ёри бангӣ
Ниқоб
Халта
Шиква
Ҷазои олӣ
«Ифтихор»
Лутфи тоҷирон
Мунофиқ
Ошиқи бозорӣ
Носипосӣ
Киса бодо поянда
Пуштибон
Хушомад
Дуруғ
Марги сафед
Келин овардам
Орзуи булҳавас
Пешпо
Дуои бад
Ҳамкорӣ
Гилаи хушомадгӯ
Обрӯямро марез
Умеди барбод
Дилсӯзӣ
Оқибати бад
Бечора
Ғазаб
Гила аз гила
Пушаймонӣ
Ошиқи ноком
Шарт
Ҳарфи талх
Номаи бародарӣ
Яке шоду яке ношод
Армон
Беҳудаханд
Бошад мабод
Афсӯс
Бад
Птрам магӯ
Пинҳон биё, пинҳон бирав
Суруди бозорӣ
Сазовори носазовор
Иқрор

Ғам махӯр
Бе ту шавам ҳайф
Бас набуд
Санҷиш
Забони мо қарин буд
Буду ҳаст
Нокас
Қарз
Хоби мансабпараст
Сабаб
Бовар накард
Иттифоқӣ
Алам
Тилло будам
Илтиҷо
Мадҳи танбал
Хато бахшидамат
Ман намегӯям
Кист он?
Насиҳат
Қарз
Базми афсонагашта
Чун кунам?
Ҳасрат
Мурғи илҳом
Тарс
Хоби аламовар
Хоҳиш
Каҷравӣ
Илоҷ
Нишони хоксорӣ
Мерос
Ё чунон кун, ё чунин
Навбат
Анҷоми ваъда
Маҳорат
Мукофот
Гуфтам, нашуд
Илтиҷо
Р Е З А ҲО
Эй зӯри ман
Дубайтиҳо
Резу чош
М У Х А М М А С Ҳ О
Дилсиёҳ
Шоири халтурчӣ
Ҷӯрагӣ
Чӣ зиёду кӣ зиёд
Дар зери ниқоб
Айёми гап
Гӯши сих
Ба қадри зан расед
Мудбозӣ
Нигоҳи бо ёр гумгашта
Қиёс
Ҷавобия

Ошиқи подарҳаво
Таронаи ошиқи ошпаз
Илтиҷо
Ҳасрати сигорӣ
Ифтихор
Манфур
Сарборӣ



**Шарҳи ҳол**

Абдусаттори Раҳмон (Раҳмонов Абдусаттор) 16 январи соли 1955 дар деҳаи Хоҷабулоқи ноҳияи Ваҳдат дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Хатмкардаи факултаи математикаи Донишгоҳи омӯзгории шаҳриДушанбе (1977) мебошад.

Абдусаттори Раҳмон фаъолияти омӯзгориашро аз рӯи тахассусаш дар мактаби №25-и ноҳияи Ваҳдат аз моҳи августи соли 1977 оғоз намудааст.

Шеърҳои аввалинаш, ки бештар аз ҳаёти бачаҳо ва ҳаҷв буд, дар рӯзномаву маҷаллаҳои кӯдакону наврасон ва маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» ба нашр расида, дастраси хонандагон гаштааст. Маҷмӯаи аввалинашро нашриёти «Маориф» соли 1984 бо номи «Амак шудам» аз чоп баровард, ки ашъори бачагонаашро дар бар мегирифт.

Баъд маҷмӯаҳои дигараш бо номҳои «Тағо чиян шуд» («Адиб», 1989), «Бибию бобои маи» («Адиб», 1989), «Шакаррез» («Адиб», 1992), «Балои ҷон» («Ваҳдат», 1993), «Чорбоғ» («Афсона», 2000), «Обрӯямро марез» («Адиб», 2003), «Меҳрпайванд» («Адиб», 2008), «Ман аз кӣ калон?» («Адиб», 2006), «Тавба» («Маориф ва фарҳанг», 2009) ба нашр расидаанд. Ӯ инчунин, муаллиф ва мураттиби маълумотнома аз ҳаёти занҳои номовари шаҳру ноҳияи Ваҳдат бо номи «Ҳеҷ коре нест бе зан хуб шуд» мебошад.

Шеърҳояш бо забонҳои русиву ӯзбекӣ тарҷума шудаанд. «Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон» (1988) мебошад. Аз соли 1996 аъзои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст.

«Пайки шодию алам» нахустмаҷмӯаи насрии Абдусаттори Раҳмон мебошад.